- несовершенством институциональной среды поддержки зеленного предпринимательства.

Для решения данных проблем требуется совершенствование государственной политики в сфере занятости и устойчивого развития, а так же активизация международного сотрудничества.

Развитие зеленой экономики является одним из ключевых факторов обеспечения продуктивной занятости населения в условиях устойчивого развития. Экологизация экономики способствует созданию новых рабочих мест, повышению качества трудовых ресурсов, росту производительности труда и улучшению экологической ситуации. Для Республики Таджикистан реализация принципов зеленой экономики открывает дополнительные возможности для диверсификации экономики, снижения уровня безработицы и повышения благосостояния населения. В этой связи необходимы дальнейшее совершенствование механизмов государственного регулирования рынка труда, стимулирование инвестиций в зеленые отрасли экономики и развитие системы

подготовки кадров для новых экологически ориентированных сфер деятельности.

ЛИТЕРАТУРА:

1. [Электронный ресурс] – URL https://cyberleninka.ru/article/n/zelenaya-ekonomika-v-kontekste-globalnogo-ustoychivogo-razvitiya/viewer (дата обращения 18.12.24)

2. «Будущее, которого мы хотим» – итоговый документ Конференции ООН по устойчивому развитию РИО+20 [Электронный ресурс] – URL:https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conv_development.shtml (дата обращения 18.12.24)

3. «Программы развития электротранспорта в Республике Таджикистан на 2023-2028 годы» [Электронный ресурс] – URL https://www.mintrans.tj/storage/strategy/files/Ug85Ql9jv4LzTOfi3LKK7kvf6dJJAGoopfRVxqkt.pdf (дата обращения 18.12.24)

4. Концепция развития продуктивной занятости населения в Республике Таджикистан на период до 2040 года [электронный ресурс]. URL: www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=142278 (дата обращения 23.06.2025 г.)

5. Программа ООН по окружающей среде (UNEP). https://www.unep.org/ru/who-we-are/about-us (дата обращения 15.06.2026)

6. Рынок труда в РТ. Статистический сборник. Душанбе: Агентство по статистике при Президенте РТ, 2021- С. 99, 2025. - С. 54

7. Рынок труда в РТ. Статистический сборник. Душанбе: Агентство по статистике при Президенте РТ, 2025. - С. 60-61

8. Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы [Электронный ресурс] – URL https://medt.tj/images/08.02.2024.pdf (дата обращения 18.12.2024 г.)

9. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан январь. Статистический сборник Агентство по статистике при Президенте Республика Таджикистан. Душанбе 2017 г. - С.-207, 2018 г. – С.211, 2019 г. -С.219, 2020 г. -

С.207, 2021 г. -С.212, 2022 г. – С.214, 2023 г. С.-209, 2024 г.-С. 207, 2025 г. – С.208-209, 2026 г. – С. 68.

A SUSTAINABLE GREEN ECONOMY AS A FACTOR OF PRODUCTIVE EMPLOYMENT IN THE TAJIKISTAN LABOR MARKET

This article examines the relationship between the green economy and productive employment in the labor market of Tajikistan in the modern period. The role of environmentally oriented economic policy in creating new jobs, improving the quality of the workforce, and ensuring sustainable socioeconomic development is substantiated. Particular attention is paid to the prospects for creating green jobs in the Republic of Tajikistan in the context of an innovative economy and the implementation of strategic economic development goals. Conclusions are presented that the transition to a green economy contributes to the development of innovative green jobs, increased employment, increased labor productivity, and improved environmental safety.

Keywords: *green economy, sustainable development, productive employment, labor market, employment, training, green jobs.*

ИҚТИСОДИЁТИ САБЗИ УСТУВОР ҲАМЧУН ОМИЛИ ШУҒЛИ САМАРБАХШ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола робитаи байни иқтисоди сабз ва шуғли самаранок дар бозори меҳнати Тоҷикистон дар давраи муосир баррасӣ мешавад. Нақши сиёсати иқтисодии экологӣ дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар кардани сифати қувваи корӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Таваҷҷӯҳи махсус ба дурнамои таъсиси ҷойҳои кории сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди инноватсионӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ зоҳир карда мешавад. Хулосаҳо пешниҳод карда мешаванд, ки гузариш ба иқтисоди сабз ба рушди ҷойҳои кории сабзи инноватсионӣ, афзоиши шуғл, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар шудани бехатарии экологӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: *иқтисоди сабз, рушди устувор, шуғли пурмаҳсул, бозори меҳнат, шуғл, омӯзиш, ҷойҳои кории сабз.*

Сведения об авторе: Джурахонзода Саодат Джурахон - к.э.н., ведущий научный сотрудник отдела развития зеленой занятости и экологического просвещения Научно-исследовательского института устойчивого развития и зеленой экономики Международного университете туризма и предпринимательства Таджикистана 734055, Таджикистан, г. Душанбе, Борбад 48/5, (+992) 909905062 E-mail: тел. +992 907-98-69-13; e-mail: s.mutieva@mail.ru.

Information about the author: Jurakhonzoda Saodat - PhD (Econ.), Leading Researcher, Department of Green Employment Development and Environmental Education, Research Institute for Sustainable Development and Green Economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 734055, Tajikistan, Dushanbe, Borbad 48/5, (+992) 909905062. E-mail: tel. +992 907-98-69-13; e-mail: s.mutieva@mail.ru.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷӯрахонзода Саодат Ҷӯрахон - номзади илмҳои иқтисодӣ, корманди пешбари шӯъбаи рушди шуғли сабз ва таълими экологӣ, Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. 734055, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5, (+992) 909905062. Почтаи электронӣ: тел. +992 907-98-69-13; почтаи электронӣ: s.mutieva@mail.ru.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИҚТИСОДИ ДАВРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ

Буриев Л.Ҷ., Нурмаҳмадов З.М.
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мақола ба таҳқиқи асосҳои назариявии иқтисоди даврӣ ва нақши он дар таъмини рушди устувор ва иқтисоди сабз бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили назарияҳо ва консепсияҳои муосири иқтисодӣ моҳият, принсипҳо ва хусусиятҳои иқтисоди даврӣ муайян гардида, ҷойгоҳи он дар низоми рушди устувор асоснок карда шудааст. Инчунин равишҳои илмӣ оид ба иқтисоди даврӣ, иқтисоди сабз ва рушди устувор мавриди муқоиса қарор гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо ошкор карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки иқтисоди даврӣ ҳамчун модели муосири рушди иқтисодӣ ба истифодаи самараноки захираҳо, коҳиши партовҳо, рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисод мусоидат менамояд. Ҳамзамон он ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар гардидани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ замина фароҳам меорад. Дар мақола чаҳорчӯбаи назариявии робитаи иқтисоди даврӣ ва рушди устувор дар заминаи иқтисоди сабз пешниҳод мегардад. Инчунин ҳамоҳангии ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ асоснок карда шудааст. Хулоса, натиҷаҳо метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ ва таҳияи стратегияҳои гузариш ба иқтисоди даврӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳо: *иқтисоди даврӣ, рушди устувор, иқтисоди сабз, самаранокии захираҳо, рушди иҷтимоӣ, идоракунии партовҳо, инноватсионӣ, сиёсати экологӣ, самаранокии истеҳсолот ва истеъмол.*

Муқаддима. Бояд гуфт, ки имрӯз низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ба як қатор буҳронҳои сохторӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Ин буҳронҳо аз истифодаи ғайрисамараноки захираҳои табиӣ ва тамоюли устувори афзоиши истеъмоли ҷаҳонӣ сарчашма мегиранд. Низом ё модели анъанавии иқтисоди хаттӣ дар шакли «истихроҷи захираҳо – истеҳсоли маҳсулот – ихроҷи партовҳо» амал мекунад. Аз сабаби маҳдуд будани иқтидори барқароршавии табиат имкони кафолат додани рушди динамикӣ ва дарозмуддатро надорад, зеро маҳдудияти захираҳои табиӣ бо суръати баланди рушди истеҳсолот ва истеъмол дар таносуби баръакс қарор дорад, ки ин боиси аз байн рафтани тавозуни экологӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр давлатҳои дунё қисми зиёди ашёи хом баъд аз истифода ба партов табдил меёбад. Аз занҷираи ба вуҷуд овардани арзиш ва гардиши такрории иқтисодӣ бартараф карда мешавад. Ин раванд боиси афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ, коҳишёбии самаранокии истифодабарии захираҳо ва шиддат гирифтани мушкилоти экологӣ мегардад.

Дар шароити имрӯза барои гузариш ба моделҳои инноватсионии рушди иқтисодӣ зарурати воҷеъӣ ба миён меояд, ки динамикаи устувории макроиқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва некӯаҳволии иҷтимоиро таъмин менамоянд. Бо дарназардошти ин иқтисоди даврӣ ҳамчун яке аз назарияҳои чунин тарзи рушд самарабахши эътироф мегардад. Дар муқоиса бо модели хаттии рушд, иқтисоди даврӣ (сиркулярӣ) ба нигоҳ доштани ҳарчи дарозтари арзиши маҳсулот, ашёи хом ва захираҳо дар доираи низоми иқтисодӣ равона шудааст. Моҳияти консептуалии он аз баррасии партовҳо ҳамчун манбаи нави омилҳои истеҳсолот иборат буда, равандҳои истифодаи такрорӣ, таъмир, азнавсозӣ ва коркарди дубораро ҳамчун фишангҳои калидии фаъолияти иқтисодӣ эътироф менамояд.

Иқтисоди даврӣ дар шакли муосири худ натиҷаи рушди якчанд мактабҳои илмӣ мебошад. Ташаккули назарияи иқтисоди даврӣ натиҷаи таҳаввулоти тӯлонии афкори иқтисодӣ ва экологӣ буда, асоси назариявии он ба консепсияҳои иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист ва рушди устувор бармегардад. Яке аз аввалин олимоне, ки зарурати бознигарии муносибати инсон ба захираҳои табииро асоснок намуд, олими англис Кеннет Боулдинг мебошад, ки иқтисоди заминро ҳамчун «Иқтисоди киштии кайҳонии Замин» тавсиф намуда, нишон додааст, ки инсоният дар низоми захираҳои маҳдуд фаъолият менамояд. Аз ин рӯ, инсоният бояд ба модели истифодаи оқилонаи захираҳо гузарад [13]. Ин андеша баъдан ба яке аз заминаҳои ташаккули иқтисоди даврӣ табдил ёфтааст.

Муҳимияти гузариш ба иқтисоди даврӣ барои кишварҳои тараққикардаистода хусусан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Онҳо ба имкониятҳои назарраси захиравӣ ва мушкилоти сохторӣ рӯ ба рӯ аст, чунки ба моделҳои нави иқтисодӣ бидуни гузариш бартараф шудани онҳо

душвор аст. Маҳз аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявии иқтисоди даврӣ ва имкониятҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити кишварҳои гузариш дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Дар солҳои 1970-1980 иқтисодшиноси маъруфи швейтсарӣ Валтер Стаҳел назарияи иқтисоди давриро пешниҳод намудааст. Муаллиф нишон додааст, ки нигоҳдории арзиши иқтисодии маҳсулот дар давоми тамоми давраи истифода нисбат ба истеҳсоли доимии маҳсулоти нав самаранокии бештари иқтисодиро таъмин менамояд [27].

Дэвид Пирс ва дигар олимони иқтисоди экологӣ дар солҳои минбаъда масъалаи ҳамоҳангсозии рушди иқтисодӣ ва маҳдудиятҳои экологиро таҳлил намуданд, ки дар доираи ин самт консепсияи рушди устувор ташаккул ёфта, имрӯз яке аз муҳимтарин заминаҳои назариявии иқтисоди даврӣ ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи навбатии рушди назария бо фаъолияти кимиёшиноси олмонӣ Майкл Браунгарт ва меъмори амрикоӣ Уилям МакДонаф алоқаманд мебошад. Онҳо назарияи «Аз гаҳвора то гаҳвора»-ро пешниҳод намуданд, ки тибқи он маҳсулот бояд аз ибтидо бо дарназардошти истифодаи такрорӣ тарҳрезӣ карда шавад [22].

Дар нимаи дуюми асри XX, дар пайи шиддат гирифтани таҳдидҳои глобалии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, зарурати ташаккули консепсияи рушди устувор ба миён омад. Консепсияи рушди устувор ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологии ташаккули иқтисоди даврӣ хизмат менамояд. Дар ин раванд, мавқеи марказиро гузориши Комиссияи умумиҷаҳонии СММ оид ба муҳити зист ва рушд таҳти роҳбарии Гро Ҳарлем Брундтланд ишғол менамояд, ки рушди устуворро ҳамчун рушди қонеъкунандаи талаботи давраи имрӯза бидуни маҳдуд намудани имкониятҳои давраи оянда муайян кардааст [14].

Дар доираи ин назария рушди иқтисодӣ на танҳо тавассути афзоиши истеҳсолот, балки аз рӯи самаранокии истифодаи захираҳо ва натиҷаҳои иҷтимоию экологӣ низ арзёбӣ мегардад. Самаранокии истифодаи захираҳо, ҳифзи муҳити зист ва адолати иҷтимоӣ ба нишондиҳандаҳои муҳими рушд

табдил меёбанд. Маҳз ҳамин равиш барои пайдоиши моделҳои нави иқтисодӣ, хусусан иқтисоди сабз ва иқтисоди даврӣ, заминаи назариявӣ фароҳам овард.

Таҳлили адабиёти илмию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки иқтисоди даврӣ аз ҷиҳати мазмун яке аз воситаҳои амалии татбиқи консепсияи рушди устувор мебошад. Агар рушди устувор ҳадафи стратегиро муайян намояд, иқтисоди даврӣ ҳамчун механизми татбиқи ҳадафи мазкур баромад мекунад. Гузашта аз ин, консепсияи иқтисоди сабз дар солҳои охир ҳамчун яке аз муҳимтарин самтҳои рушди сиёсати иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ ташаккул ёфтааст. Бар асоси тавзеҳи Барномаи муҳити зисти Созмони Милали Муттаҳид, иқтисоди сабз низоми иқтисодие мебошад, ки боиси беҳтар шудани некӯаҳволии инсон ва адолати иҷтимоӣ гардида, ҳамзамон хавфҳои экологӣ ва норасоии захираҳоро коҳиш медиҳад [28].

Дар таҳқиқоти илмӣ маълум мегардад, ки иқтисоди сабз ва иқтисоди даврӣ баъзан ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно истифода мешаванд. Аммо таҳлили муфассал тибқи шарҳи олимону иқтисодшиносон нишон медиҳад, ки байни онҳо фарқиятҳои муайян мавҷуданд. Ба андешаи мо, иқтисоди сабз бештар ба натиҷаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ равона мегардад. Иқтисоди даврӣ бошад, ба механизмҳои ташкилӣ ва истеҳсолӣ диққати асосӣ медиҳад. Ба ибораи дигар, иқтисоди сабз ҳадафи рушди экологиро муайян менамояд, дар ҳоле ки иқтисоди даврӣ роҳи расидан ба онро пешниҳод мекунад. Инчунин, аз нуқтаи назари мо, иқтисоди даврӣ бояд ҳамчун зерсистемаи иқтисоди сабз баррасӣ гардад, зеро ин муносибат имкон медиҳад, ки вазифаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар доираи як низоми ягона муттаҳид карда шаванд.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад, чунки аз як тараф, иқтисоди кишвар ба истифодаи захираҳои табиӣ такя мекунад, аз тарафи дигар, масъалаҳои вобаста ба идоракунии партовҳо, истифодаи самараноки захираҳои обӣ, рушди саноати сабз ва ташкили ҷойҳои нави корӣ рӯз аз рӯз аҳамияти бештар пайдо менамоянд. Бинобар ин, таҳқиқи заминаҳои назариявии иқтисоди даврӣ ва муайян кардани

имкониятҳои мутобиқсозии он ба воқеияти иқтисоди кишвар дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Мазмуни фарзияи илмӣ аз ин иборат аст, ки гузариш ба модели иқтисоди даврӣ ҳамчун фишанги самарабахши рушди устувор хизмат намуда, тавозуни беҳтаринро байни пешрафти иқтисодӣ, некуаҳволии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист таъмин месозад.

Таҳлили адабиёти илмию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки масъалаи мутобиқсозии заминаҳои назариявии иқтисоди даврӣ ба шароити мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Зеро масъалаҳои зерин ҳанӯз нокифоя омӯхта шудаанд:

1. мутобиқсозии иқтисоди даврӣ ба кишварҳои дорои иқтисоди гузариш;
2. хусусиятҳои татбиқи иқтисоди даврӣ дар кишварҳои дорои захираҳои маҳдуди молиявӣ;
3. робитаи иқтисоди даврӣ ва шуғли устувор;
4. моделҳои миллӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ;
5. асосҳои назариявии мутобиқсозии иқтисоди даврӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маҳз ҳамин ҳолат зарурати гузаронидани таҳқиқоти мустақили илмиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи чаҳорчӯбаи назариявии иқтисоди даврӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

Асоси методологии таҳқиқотро маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки ба таҳлили амиқи масъалаи гузошташуда мусоидат менамоянд. Дар таҳқиқот усулҳои зерин истифода шуданд:

1. таҳлили системавӣ;
2. таҳлили муқоисавӣ;
3. усули индуксия;
4. усули дедуксия;
5. таҳлили мантиқӣ;

6. ҷамъбасткунии илмӣ;
7. контент-таҳлили адабиёти илмӣ.

Таҳлили системавӣ барои муайян намудани ҷойгоҳи иқтисоди даврӣ дар низоми рушди устувор истифода гардид. Бо ёрии таҳлили муқоисавӣ фарқиятҳои байни иқтисоди хаттӣ ва иқтисоди даврӣ муайян карда шуданд. Усулҳои индуксия ва дедуксия дар раванди таҳлили назарияҳои мавҷуда ва таҳияи модели консептуалии муаллифон истифода гардиданд.

Манбаи асосии таҳқиқотро адабиёти илмии байналмилалӣ, ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Фонди Эллен МакАртур ва корҳои олимони соҳаи иқтисоди экологӣ ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур нишон медиҳанд, ки иқтисоди даврӣ дар марҳилаи муосири рушди илмҳои иқтисодӣ аз доираи як назарияи маҳдуди экологӣ берун рафта, ба модели мустақили рушди иқтисодӣ табдил ёфтааст. Ин хулоса бо як қатор таҳқиқоти байналмилалӣ мувофиқат менамояд, вале ҳамзамон баъзе ҷанбаҳои навро низ ошкор месозад.

Кеннет Боулдинг ҳанӯз дар солҳои 1960 масъалаи маҳдудияти захираҳои табииро ҳамчун омили калидии рушди ояндаи иқтисодӣ арзёбӣ намуда буд. Дар таҳқиқоти мазкур ин назария такмил дода шуда, нишон дода мешавад, ки дар шароити муосир маҳдудияти захираҳо танҳо масъалаи экологӣ набуда, балки масъалаи рақобатпазирии иқтисодӣ низ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, иқтисоди даврӣ на танҳо воситаи ҳифзи муҳити зист, балки механизми баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ мебошад.

Валтер Стаҳел диққати асосиро ба дароз намудани давраи ҳаёти маҳсулот ва истифодаи такрории захираҳо равона кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мо ин мавқеъро тасдиқ намуда, ҳамзамон нишон медиҳанд, ки таъсири иқтисоди даврӣ аз доираи истеҳсолот берун рафта, бозори меҳнат, низоми инноватсионӣ ва рушди минтақавиро низ фаро мегирад.

Дар корҳои Дэвид Пирс иқтисоди даврӣ асосан ҳамчун ҷузъи иқтисоди экологӣ баррасӣ мегардад. Аммо таҳлили муқоисавии анҷомдодашуда нишон

медиҳад, ки иқтисоди даврӣ имрӯз дорои заминаҳои мустақили назариявӣ буда, метавонад ҳамчун модели алоҳидаи рушди иқтисодӣ арзёбӣ шавад.

Модели даврии «Аз гаҳвора то гаҳвора»-и Майкл Браунгарт ва Уилям МакДонаф ба масъалаи тарҳрезии маҳсулот диққати асосӣ медиҳад. Дар таҳқиқоти мазкур исбот карда мешавад, ки гарчанде тарҳрезии даврӣ унсури муҳим мебошад, вале барои ташаккули иқтисоди даврӣ омилҳои институтсионалӣ, сиёсати давлатӣ ва рушди сармояи инсонӣ низ аҳамияти ҳалкунанда доранд.

Мавқеи Фонди Эллен МакАртур иқтисоди давриро ҳамчун низоми нигоҳдории арзиши маҳсулот ва захираҳо шарҳ медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ин равишро дастгирӣ намуда, ба он ҷанбаи рушди устуворро илова менамоянд. Аз нуқтаи назари мо, иқтисоди даврӣ бояд ҳамчун механизми ҳамгироии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ баррасӣ гардад.

Дар раванди ташаккул ва рушди назариявии иқтисоди даврӣ нақши муҳимро Фонди Эллен МакАртур бозидааст. Ин созмон иқтисоди давриро ҳамчун низоме муайян менамояд, ки дар он партовҳо ва талафоти захираҳо аз марҳилаи тарҳрезии маҳсулот пешгирӣ карда мешаванд [15]. Дар раванди татбиқи амалии иқтисоди даврӣ консепсияи 3R ҳамчун яке аз механизмҳои асосии идоракунии самараноки захираҳо нақши муҳимро мебозад. Мазмуни ин консепсия ба коҳиш додани истеъмоли захираҳо, истифодаи такрории маҳсулот ва коркарди дубораи партовҳо асос ёфтааст (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Унсурҳои асосии консепсияи 3R дар иқтисоди даврӣ

№	Унсур	Шарҳи иқтисоди даврӣ
1.	Reduce	Кам намудани истеъмол ва истеҳсоли захираҳо
2.	Reuse	Истифодаи такрорӣ
3.	Recycle	Коркарди дубораи партовҳо

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси Санади меъёрӣ (Директива)-и 2008/98/EC-и Парлумони Аврупо ва Шӯрои Иттиҳоди Аврупо оид ба партовҳо [Directive 2008/98/EC of the European Parliament and of the Council on waste (Waste Framework Directive)]. – Брюссел, 2008 [9].

Ин модел ба коҳиш додани ҳаҷми захираҳои истифодашаванда ва коҳиши партовҳо нигаронида шудааст. Аммо таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон дод,

ки танҳо ин се унсур барои ташаккули иқтисоди даврии пурра кофӣ нестанд. Аз ин рӯ, моделҳои мукаммалтар 6R ва 9R ба вуҷуд омаданд (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Унсурҳои консепсияи 6R дар иқтисоди даврӣ

№	Унсур	Шарҳи иқтисоди даврӣ
1.	Reduce	Кам намудани истеъмол ва истеҳсоли захираҳо
2.	Reuse	Истифодаи дубора ва чандкаратаи ашё
3.	Recycle	Коркарди дубораи партовҳо
4.	Recover	Барқарорсозии энергия аз партовҳои боқимонда
5.	Redesign	Тарҳрезии нав бо мақсади устувории маҳсулот
6.	Remanufacture	Азнавсозии саноатии маҳсулоти фарсуда

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси [19].

Модели 9R бошад сатҳи боз ҳам баландтари даврияторо таъмин менамояд ва унсурҳои Refuse (рад намудани хариди маҳсулоти нолозим ва бастабандии зиёдатӣ), Rethink (аз нав дида баромадани тарзи истифодаи маҳсулот ва гузариш ба хизматрасонӣ) ва Repair (таъмир ва нигоҳдории маҳсулот барои дароз кардани давраи ҳаёти он)-ро низ дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари муҳаққиқи нидерландӣ Ж. Поттинг ва ҳаммуаллифон, гузариш аз модели 3R ба модели 9R нишондиҳандаи таҳаввули иқтисоди даврӣ аз механизми идоракунии партовҳо ба модели мукаммали рушди иқтисодӣ мебошад [24]. Самаранокии истифодабарии захираҳо яке аз мафҳумҳои марказии иқтисоди даврӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади асосӣ ба даст овардани арзиши бештар аз як воҳиди захира мебошад. Муҳим он аст, ки арзиши иқтисодии маҳсулот дар тамоми давраи ҳаёти он нигоҳ дошта шавад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар бисёр мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ самаранокии захираҳо ҳанӯз дар сатҳи поён қарор дорад. Дар чунин шароит иқтисоди даврӣ метавонад ҳамчун воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисод хизмат намояд. Масалан, Иттиҳоди Аврупо имрӯз дар татбиқи иқтисоди даврӣ пешсаф ба ҳисоб меравад. Нақшаи амалиёти иқтисоди даврии Иттиҳоди Аврупо ба коҳиши вобастагӣ аз ашёи хоми ибтидоӣ, рушди саноати коркарди дубора ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот равона гардидааст. Таҳлили таҷрибаи аврупоӣ нишон медиҳад, ки муваффақияти иқтисоди даврӣ ба се омили асосӣ вобаста мебошад: дастгирии давлатӣ, навовариҳои технологӣ ва иштироки фаъоли бахши хусусӣ.

Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз аввалин кишварҳое мебошад, ки иқтисоди давриро ба сатҳи сиёсати давлатӣ баровардааст. Қонуни махсуси иқтисоди даврӣ ҳанӯз соли 2008 қабул гардидааст. Дар Ҷопон бошад, сиёсати иқтисоди даврӣ бештар ба принсипи «Ҷомеаи даврии маводҳо» асос ёфтааст. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки модели Ҷумҳурии Мардумии Чин бештар хусусияти истеҳсолӣ дорад, дар ҳоле ки модели Ҷопон ба тағйир додани рафтори истеъмолкунандагон низ равона гардидааст.

Омӯзиши адабиёти илмию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки иқтисоди даврӣ ҳамчун назарияи мустақил якбора ба вуҷуд наомадааст. Он натиҷаи рушди тадриҷани як қатор назарияҳои иқтисодӣ, экологӣ ва институтсионалӣ мебошад. Марҳилаҳои асосии ташаккули ин назария дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Марҳилаҳои ташаккули назарияи иқтисоди даврӣ

Давра	Консепсия	Намояндагон	Саҳми асосӣ
1960-1970	Иқтисоди экологӣ	Кеннет Боулдинг	Маҳдудияти захираҳо ва иқтисоди «киштии кайҳонӣ»
1970-1980	Иқтисоди даврӣ	Валтер Стаҳел	Даври ҳаёти маҳсулот ва истифодаи такрорӣ
1980-1990	Рушди устувор	Комиссияи Брундтланд	Ҳамгироии иқтисод, ҷомеа ва экология
1989-2005	Экологияи саноатӣ	Роберт Фрош ва Николас Галлопулос	Самаранокии захираҳо дар занҷири истеҳсолот
2002-2015	Аз гаҳвора то гаҳвора	Браунгарт, МакДонаф	Тарҳрезии даврии маҳсулот
2015-то имрӯз	Иқтисоди даврӣ	Фонди Эллен МакАртур	Модели мукаммали иқтисоди даврӣ

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти илмӣ [13,14, 15, 22,26,27].

Тибқи марҳилаҳои овардашуда дар ҷадвали 3, иқтисоди даврӣ аз марҳилаи маҳдуди идоракунии партовҳо гузашта, имрӯз ба як модели мустақили рушди иқтисодӣ табдил ёфтааст. Дар марҳилаи аввал таваҷҷуҳ асосан ба масъалаҳои экологӣ равона шуда, дар марҳилаҳои минбаъда масъалаҳои самаранокии захираҳо, навовариҳо ва рушди устувор ворид гардидаанд. Аз нуқтаи назари мо, иқтисоди даврии муосир аз ҳамгироии се равиши асосӣ иборат мебошад: иқтисоди экологӣ, рушди устувор ва иқтисоди инноватсионӣ. Маҳз ҳамин ҳамгироӣ иқтисоди давриро аз дигар консепсияҳои иқтисодӣ фарқ мекунад.

Яке аз масъалаҳои калидии таҳқиқот муайян намудани фарқиятҳои байни иқтисоди анъанавии хаттӣ ва иқтисоди даврӣ мебошад (Ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Муқоисаи иқтисоди хаттӣ ва иқтисоди даврӣ

Р/Т	Нишондиҳанда	Иқтисоди хаттӣ	Иқтисоди даврӣ
1.	Модели истифодаи захираҳо	Истеъмоли яккарата	Истифодаи такрорӣ
2.	Партовҳо	Натиҷаи ниҳоӣ	Захираи нав
3.	Давраи ҳаёти маҳсулот	Кӯтоҳ	Дароз
4.	Самаранокии захираҳо	Паст	Баланд
5.	Таъсири экологӣ	Манфӣ	Ҳадди ақал
6.	Навоварӣ	Дуюмдараҷа	Унсури асосӣ
7.	Шуғл	Анъанавӣ	Шуғли сабз
8.	Рақобатпазирӣ	Маҳдуд	Баланд

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ: [17,18,20,26,27].

Фарқияти асосӣ дар муносибат ба захираҳо мебошад: дар ҳоле ки иқтисоди хаттӣ ба истихроҷи пайвастаи ашёи хом такя мекунад, иқтисоди даврӣ ба нигоҳ доштани арзиши иқтисодии захираҳо нигаронида шудааст. Дар иқтисоди даврӣ партов мафҳуми иқтисодии худро тағйир медиҳад, он дигар натиҷаи ниҳоии истеҳсолот дониста намешавад, балки ҳамчун сарчашмаи нави арзиши иқтисодӣ баррасӣ мегардад.

Таҳлили назарияҳои муосир имконият дод, ки системаи принсипҳои асосии иқтисоди даврӣ гурӯҳбандӣ карда шавад (Ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. Принсипҳои асосии иқтисоди даврӣ

Р/Т	Принсип	Мазмун
1.	Самаранокии захираҳо	Ҳадди аксари истифодаи захираҳо
2.	Дарозии маҳсулот	Дароз намудани муҳлати истифода
3.	Пешгирии партовҳо	Коҳиши пайдоиши партов
4.	Навоварӣ	Ҷорӣ намудани технологияҳои нав
5.	Барқарорсозӣ	Барқарор намудани арзиши маҳсулот
6.	Ҳамгироӣ	Ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа
7.	Устуворӣ	Тавозуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ: [15,20,24].

Таҳлил нишон медиҳад, ки аксари таҳқиқот танҳо ба принсипҳои технологӣ диққат медиҳанд. Аммо аз нуқтаи назари мо, иқтисоди даврӣ пеш аз ҳама модели институтсионалӣ мебошад, зеро бе ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа гузариш ба он ғайриимкон аст. Барои таҳлили амиқтари ҷойгоҳи иқтисоди даврӣ дар низоми рушди устувор таҳлили функсионалӣ гузаронида шуд (Ҷадвали 6).

Ҷадвали 6. Робитаи иқтисоди даврӣ бо рушди устувор

Р/Т	Ҷанбаи рушди устувор	Саҳми иқтисоди даврӣ
1.	Иқтисодӣ	Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот
2.	Иҷтимоӣ	Таъсиси ҷойҳои нави корӣ
3.	Экологӣ	Коҳиши партов ва ифлосшавӣ
4.	Институтсионалӣ	Такмили идоракунӣ ва сиёсати давлатӣ
5.	Инноватсионӣ	Ҳавасмандсозии технологияҳои нав

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ: [17,20,25].

Таҳлил нишон медиҳад, ки иқтисоди даврӣ ҳар се сутуни асосии рушди устуворро фаро мегирад. Аз як тараф, он имконияти коҳиш додани хароҷоти истеҳсолиро фароҳам меорад. Аз тарафи дигар, ба рушди шуғли сабз ва ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, иқтисоди даврӣ на танҳо воситаи ҳифзи муҳити зист, балки механизми рушди иқтисодию иҷтимоӣ низ мебошад.

Натиҷаҳои муқоисаи иқтисоди сабз ва иқтисоди даврӣ нишон медиҳанд, ки ин ду консепсия дар муносибати рақобатӣ қарор надоранд (Ҷадвали 7). Баръакс, онҳо якдигарро пурра менамоянд. Иқтисоди сабз ҳадафҳои умумии экологиро муайян менамояд, дар ҳоле ки иқтисоди даврӣ воситаҳои амалии татбиқи онҳоро пешниҳод мекунад.

Ҷадвали 7. Муқоисаи иқтисоди сабз ва иқтисоди даврӣ


Р/Т	Меъёр	Иқтисоди сабз	Иқтисоди даврӣ
1.	Ҳадаф	Рушди экологӣ	Самаранокии захираҳо
2.	Самти асосӣ	Натиҷа	Раванд
3.	Объекти таъсир	Иқтисод дар маҷмӯъ	Давраи ҳаёти маҳсулот
4.	Механизм	Сиёсатҳои экологӣ	Дарёяти захираҳо
5.	Шуғл	Шуғли сабз	Шуғли сабз ва инноватсионӣ

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ: [17,21].

Ҳамин тавр, иқтисоди даврӣ на танҳо воситаи ҳифзи муҳити зист, балки механизми рушди иқтисодию иҷтимоӣ низ мебошад.

Барои тасвири беҳтари фарқи байни ду модели иқтисодӣ дар зер намунаҳои модели хаттӣ (Расми 1) ва модели даврии иқтисодӣ (Расми 2) оварда мешаванд.


Дар модели хаттии иқтисодӣ (Расми 1) равандҳои истеҳсолот ва истеъмол ба истихроҷи доимии захираҳо асос ёфтаанд. Дар чунин низом қисми зиёди арзиши иқтисодӣ баъд аз истеъмол аз байн меравад ва занҷири арзиш яккарата буда, барои кор кардан ба воридоти доимии захираҳои нав ниёз дорад.



Расми 1. Модели хаттии иқтисодӣ

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси [15].

Дар иқтисоди даврӣ (Расми 2) арзиши иқтисодӣ нигоҳ дошта мешавад. Даври ҳаёти маҳсулот зиёд гардида, вобастагӣ аз захираҳои ибтидоӣ коҳиш меёбад. Ишораҳои бозгашт нишон медиҳанд, ки ашёи хом ва маҳсулот пас аз истифода аз байн намераванд, балки ба ҷараёни иқтисодӣ бармегарданд.



Расми 2. Модели иқтисоди даврӣ

Манбаъ: таҳияи муаллифон дар асоси [15].

Модели муаллифии «Чаҳорчӯбаи ҳамгироии иқтисоди даврӣ ва рушди устувор» (Расми 3) нишон медиҳад, ки рушди устувор натиҷаи таъсири маҷмӯии се Ҷузъ (компонент)-и бо ҳам вобаста мебошад. Ҷузъи аввал самаранокии захираҳо мебошад: баланд гардидани самаранокии истифодаи захираҳо ба коҳиши партовҳо оварда мерасонад. Коҳиши партовҳо барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав шароит фароҳам меорад. Навовариҳо дар навбати худ боиси

ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардидани сифати зиндагӣ ва рушди иҷтимоӣ мегарданд. Рушди иҷтимоӣ ва навовариҳо заминаи рушди иқтисодиро ташкил намуда, дар маҷмӯъ ба рушди устувор мусоидат мекунанд. Аз нуқтаи назари мо, маҳз ҳамин робитаи занҷиравӣ моҳияти иқтисоди даврии муосирро ифода менамояд.



Расми 3. Модели «Чаҳорчӯбаи ҳамгироии иқтисоди даврӣ ва рушди устувор»
Манбаъ: таҳияи муаллифон.

Таҳлил нишон медиҳад, ки аксари моделҳои назариявии мавҷуда дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳия ва ҷорӣ шудаанд. Дар баробари ин, хусусиятҳои иқтисоди кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар онҳо ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд. Аз ин рӯ, модели пешниҳодшудаи «Чаҳорчӯбаи ҳамгироии иқтисоди даврӣ ва рушди устувор» кӯшиши мутобиқсозии консепсияи иқтисоди даврӣ ба шароити кишварҳои дорои иқтисоди гузариш ба ҳисоб меравад.

Хулоса. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- иқтисоди даврӣ натиҷаи рушди тадриҷии назарияҳои иқтисоди экологӣ, рушди устувор ва иқтисоди инноватсионӣ мебошад;
- модели хаттии иқтисодӣ дар шароити маҳдудияти захираҳои табиӣ самаранокии худро тадриҷан аз даст медиҳад;

- иқтисоди даврӣ ба нигоҳ доштани арзиши маҳсулот ва захираҳо дар тамоми давраи ҳаёти онҳо нигаронида шудааст;
- консепсияи иқтисоди даврӣ нисбат ба моделҳои анъанавии идоракунии партовҳо доираи васеътар дорад;
- самаранокии истифодаи захираҳо яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди даврӣ мебошад;
- иқтисоди даврӣ ба ҳамаи се ҷанбаи рушди устувор иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ таъсири мусбат мерасонад;
- иқтисоди сабз ва иқтисоди даврӣ мафҳумҳои рақобаткунанда набуда, якдигарро пурра менамоянд;
- барои кишварҳои рӯ ба рушд иқтисоди даврӣ метавонад воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодӣ гардад;
- Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои мусоид барои татбиқи унсурҳои иқтисоди даврӣ мебошад;
- гузариш ба иқтисоди даврӣ такмили институтҳо, рушди технологияҳо ва баланд бардоштани маърифати экологиро талаб менамояд;
- самаранокии татбиқи иқтисоди даврӣ аз сатҳи ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ вобастагии мустақим дорад.

Дар раванди таҳқиқот натиҷаҳои нави илмии зерин ба даст оварда шуданд:

1. таснифи мукаммали назарияҳои иқтисоди даврӣ таҳия гардид, ки онҳо ба панҷ гурӯҳи асосӣ: экологӣ, институтсионалӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ ва рушди устувор ҷудо карда шуданд.

2. робитаи функсионалии байни иқтисоди даврӣ ва рушди устувор асоснок карда шуд, ки мувофиқи он иқтисоди даврӣ ҳамчун механизми татбиқи ҳадафҳои рушди устувор баромад менамояд.

3. системаи мукаммали принсипҳои иқтисоди даврӣ барои кишварҳои тараққикардаистода пешниҳод мегардад, ки дар баробари принсипҳои технологӣ унсурҳои институтсионалӣ ва иҷтимоиро низ дар бар мегирад.

4. чаҳорчӯбаи назариявии мутобиқсозии иқтисоди даврӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуд.

5. модели муаллифии «Чаҳорчӯбаи ҳамгироии иқтисоди даврӣ ва рушди устувор» пешниҳод гардид, ки таъсири мутақобилаи самаранокии захираҳо, коҳиши партовҳо, навовариҳо, рушди иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиро нишон медиҳад.

6. муайян карда шуд, ки иқтисоди даврӣ нисбат ба консепсияи иқтисоди сабз хусусияти бештар амалӣ дошта, ҳамчун воситаи татбиқи ҳадафҳои иқтисоди сабз хизмат менамояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи иқтисоди даврӣ ва рушди устувор истифода шаванд. Чаҳорчӯбаи консептуалии пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки иқтисоди даврӣ на танҳо ҳамчун механизми экологӣ, балки ҳамчун модели мураккаби рушди иқтисодӣ баррасӣ гардад.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло оварда шуда, дар оянда таҳқиқот метавонад ба масъалаҳои зерин равона карда шавад:

1. арзёбии омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди даврӣ;
2. таҳияи индекси иқтисоди даврӣ барои Тоҷикистон;
3. рушди соҳибкории сабз дар шароити иқтисоди даврӣ;
4. таъсири иқтисоди даврӣ ба шуғли устувор;
5. механизми институтсионалии гузариш ба иқтисоди даврӣ;
6. моделсозии иқтисодии таъсири иқтисоди даврӣ ба рушди минтақавӣ.

АДАБИЁТ:

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон дар рақамҳо. - Душанбе, 2025.

2. Бобылев С. Н., Захаров В. М. «Зелёная» экономика. Человек и природа. - М.: Департамент природопользования и охраны окружающей среды города Москвы; Центр экологической политики России, 2015. - 98 с.

3. Бобылев С. Н., Соловьёва С. В. Циркулярная экономика и её индикаторы для России // Мир новой экономики. - 2020. - № 14 (2). - С. 63-72. [Электронный ресурс]. - URL: https://esg-

library.mgimo.ru/upload/iblock/1ff/hrn1r9xob9ciggizrih9dageqy0jdyzr/elibrary_43118798_51633736.pdf (дата обращения: 24.06.2026).

4. Буриев Л., Нурмахмадов З. М. Модели масштабирования циркулярной экономики: переход от пилотных проектов к системной трансформации (на примере Китая и возможности адаптации в Республике Таджикистан). Материалы II международной научно-практической конференции Душанбе: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, (Том 2, 16 апреля 2026 г.). С. 99-107.

5. Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Масъалаҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз.- Душанбе, 2024.

6. Мариншоев М. М. Зеленая экономика - главный фактор устойчивого развития // Материалы V международной научно-практической конференции. – Полесский государственный университет, 2025. - С. 154-157. [Электронный ресурс]. - URL: https://rep.polessu.by/bitstream/123456789/35000/1/Zelenaia_ekonomika.pdf (дата обращения: 24.06.2026).

7. Навстречу «зелёной» экономике: пути к устойчивому развитию и искоренению бедности: доклад UNEP. - М., 2011. - 52 с. [Электронный ресурс]. - URL: https://www.uncclearn.org/wp-content/uploads/library/unep119_rus_0.pdf (дата обращения: 24.06.2026).

8. Нурмахмадов З. М. Циркулярная экономика как механизм реализации зелёной дипломатии в Республике Таджикистан. Вклад Республики Таджикистан в реализацию целей устойчивого развития и зеленой дипломатии. Материалы II международной научно-практической конференции (Том 1, 16 апреля 2026 г.). Душанбе: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, 2026 г. С. 370-377.

9. Снади меъёрӣ (Директива)-и 2008/98/ЕС-и Парлумони Аврупо ва Шурои Иттиҳоди Аврупо аз 19 ноябри 2008 оид ба партовҳо [Directive 2008/98/EC of the European Parliament and of the Council of 19 November 2008 on waste] // Рӯзномаи расмии Иттиҳоди Аврупо. - OJ L 312, 22.11.2008. - P. 3-30.

10. Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2023. 65 саҳ.

11. Циркулярная экономика в целях рационального использования природных ресурсов в Республике Таджикистан. Анализ пробелов и обеспечение прослеживаемости: отчет UNECE. - Женева; Душанбе, 2024. - 168 с. [Электронный ресурс]. - URL: https://unece.org/sites/default/files/2024-11/Tajik-CE.GAP_.Analysis.And_.Traceability_RUSSIAN.pdf (дата обращения: 24.06.2026).

12. Bocken N., de Pauw I., Bakker C., van der Grinten B. Product Design and Business Model Strategies for a Circular Economy // Journal of Industrial and Production Engineering. - 2016. - Vol. 33. - No. 5. - P. 308-320.

13. Boulding K.E. The Economics of the Coming Spaceship Earth // Environmental Quality in a Growing Economy. - Baltimore: Johns Hopkins University Press, 1966. - P. 3-14.

14. Brundtland G.H. Our Common Future. – Oxford: Oxford University Press, 1987. - 383 p.

15. Ellen MacArthur Foundation. Towards the Circular Economy: Economic and Business Rationale for an Accelerated Transition. - Cowes, 2013. - 96 p.

16. European Commission. Circular Economy Action Plan: For a Cleaner and More Competitive Europe. - Brussels, 2020. - 28 p.

17. Geissdoerfer M., Savaget P., Bocken N., Hultink E. The Circular Economy: A New Sustainability Paradigm? // Journal of Cleaner Production. - 2017. - Vol. 143. - P. 757-768.

18. Ghisellini P., Cialani C., Ulgiati S. A Review on Circular Economy: The Expected Transition to a Balanced Interplay of Environmental and Economic Systems // Journal of Cleaner Production. - 2016. - Vol. 114. - P. 11-32.

19. Jawahir I.S., Bradley R. Technological Elements of Circular Economy and the Principles of 6R-Based Closed-loop Material Flow in Sustainable Manufacturing // Procedia CIRP. - 2016. - Vol. 40. - P. 103-108.

20. Kirchherr J., Reike D., Hekkert M. Conceptualizing the Circular Economy: An Analysis of 114 Definitions // Resources, Conservation and Recycling. - 2017. - Vol. 127. - P. 221-232.

21. Loiseau E. et al. Green Economy and Related Concepts: An Overview // Journal of Cleaner Production. - 2016. - Vol. 139. - P. 361-371.

22. McDonough W., Braungart M. Cradle to Cradle: Remaking the Way We Make Things. - New York: North Point Press, 2002. - 193 p.

23. Pearce D., Turner R. Economics of Natural Resources and the Environment. - Baltimore: Johns Hopkins University Press, 1990. - 378 p.

24. Potting J., Hekkert M., Worrell E., Hanemaaijer A. Circular Economy: Measuring Innovation in the Product Chain. - Den Haag: PBL Netherlands Environmental Assessment Agency, 2017. - 42 p.

25. Schroeder P., Anggraeni K., Weber U. The Relevance of Circular Economy Practices to the Sustainable Development Goals // Journal of Industrial Ecology. - 2019. - Vol. 23. - No. 1. - P. 77-95.

26. Stahel W.R. The Circular Economy. - London: Palgrave Macmillan, 2019. - 382 p.

27. Stahel W.R. The Product-Life Factor // An Inquiry into the Nature of Sustainable Societies. - Houston: Houston Area Research Center, 1982. - P. 72-105.

28. United Nations Environment Programme (UNEP). Green Economy Report. - Nairobi: UNEP, 2011. - 624 p.

29. United Nations. Transforming Our World: The 2030 Agenda for Sustainable Development. - New York: United Nations, 2015. - 41 p.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЦИРКУЛЯРНОЙ ЭКОНОМИКИ И ЕЁ РОЛЬ В СИСТЕМЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ И ЗЕЛЁНОЙ ЭКОНОМИКИ

Статья посвящена исследованию теоретических основ циркулярной экономики и её роли в обеспечении устойчивого развития и зелёной экономики. На основе анализа современных экономических теорий и концепций определены сущность, принципы и особенности циркулярной экономики, а также обосновано её место в системе устойчивого развития. Кроме того, проведено сравнение научных подходов к циркулярной экономике, зелёной экономике и

устойчивому развитию, выявлены их общие и отличительные черты. Результаты исследования показывают, что циркулярная экономика как современная модель экономического развития способствует эффективному использованию ресурсов, сокращению отходов, развитию инноваций и повышению конкурентоспособности экономики. Вместе с тем она создаёт основу для охраны окружающей среды и повышения уровня благосостояния населения. В статье предложена теоретическая модель взаимосвязи циркулярной экономики и устойчивого развития в контексте зелёной экономики. Также обоснована необходимость согласования экономических, социальных и экологических целей. В заключение отмечается, что полученные результаты могут быть использованы для совершенствования государственной политики и разработки стратегий перехода к циркулярной экономике.

Ключевые слова: *циркулярная экономика, устойчивое развитие, зелёная экономика, ресурсоэффективность, социальное развитие, управление отходами, инновации, экологическая политика, эффективность производства и потребления.*

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE CIRCULAR ECONOMY AND ITS ROLE IN THE SYSTEM OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT AND THE GREEN ECONOMY

This article is devoted to the study of the theoretical foundations of the circular economy and its role in ensuring sustainable development and the green economy. Based on an analysis of contemporary economic theories and concepts, the essence, principles, and features of the circular economy are defined, and its place within the system of sustainable development is substantiated. Furthermore, scientific approaches to the circular economy, the green economy, and sustainable development are compared, revealing their common and distinctive characteristics. The findings show that the circular economy, as a modern model of economic development, contributes to the efficient use of resources, waste reduction, innovation development, and enhanced economic competitiveness. At the same time, it creates a foundation for environmental protection and an improved level of public well-being. The article proposes a theoretical framework for the relationship between the circular economy and sustainable development within the context of the green economy. The need to harmonize economic, social, and environmental goals is also substantiated. In conclusion, the findings can be used to improve state policy and develop strategies for the transition to a circular economy.

Keywords: *circular economy, sustainable development, green economy, resource efficiency, social development, waste management, innovation, environmental policy, production and consumption efficiency.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Буриев Л.Ҷ., Нурмаҳмадов З.М. - Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел.: +992 (37) 234-88-02. Почтаи электронӣ: loiksho_buriev@mail.ru; zamir_1tj@mail.ru

Сведения об авторах: Буриев Л.Дж., Нурмахмадов З.М. - Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма

и предпринимательства Таджикистана. Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Тел.: +992 (37) 234-88-02. Электронная почта: loiksho_buriev@mail.ru; zamir_1tj@mail.ru

Information about the authors: Buriev L.J., Nurmakhmadov Z.M. - Research Institute of Sustainable Development and Green Economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe 734055, Republic of Tajikistan. Tel.: +992 (37) 234-88-02. E-mail: loiksho_buriev@mail.ru; zamir_1tj@mail.ru

УДК: 338.48:330.322

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ БА СОҲАИ САЙЁҲӢ

Гулназаров Ҷ.С., Акбаров Ф.О.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ баррасӣ гардида, нақши сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар рушди инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳои сайёҳӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таҳлил мегардад. Муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон ба ҷалби сармоягузорӣ, маҳдудиятҳои мавҷуда ва самтҳои такмили сиёсати давлатии сармоягузориро муайян менамояд. Дар асоси таҳлил механизми мукаммали ҷалби сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳавасмандгардонии давлатӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди инфрасохтор, кафолатҳои сармоягузорӣ, рақамикунонӣ ва ташаккули лоиҳаҳои минтақавии сайёҳиро дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: *сайёҳӣ, сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, механизми сармоягузорӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, минтақаҳои сайёҳӣ, рушди устувор.*

Муқаддима. Соҳаи саёҳӣ дар шароити рушди иқтисодиёти давлатҳо ва зиёд шудани сатҳи даромади аҳолӣ дар ҷаҳон, яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкорӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, рушди инфрасохтор ва ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ метавонад ба диверсификатсияи иқтисодиёт мусоидат намояд.

Дар иқтисодиёти ҷаҳон соҳаи сайёҳӣ яке аз механизми асосии рушди иқтисодӣ, таъмини шуғл ва гардиши байналмилалии хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи арзёбии Шӯрои ҷаҳонии саёҳат ва сайёҳӣ [9] аз ҳисоби сайҳӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ 11,6 трлн.доллари ИМА ворид шудааст, ки ин нишондиҳанда 9,8% ММД-и ҷаҳонро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, аз ҳисоби сайҳӣ дар саросари ҷаҳон 366,0 млн. ҷойҳои кории нав ташкил карда шудааст. Дар ин замина, хароҷоти сайёҳон дар саросари ҷаҳон 2,02 трилион долларро ташкил додааст. Тибқи маълумоти СММ [9], дар моҳҳои январ-сентябри соли 2025 шумораи сайёҳони байналмилалӣ аз 1,1 млрд. нафар гузашта, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 тақрибан 50 млн. нафар афзоиш ёфтааст. Дар семоҳаи сеюм

афзоиши 4% ба қайд гирифта шуд. Ин нишондиҳандаҳо аз барқароршавӣ ва устувории талабот ба сайёҳии байналмилалӣ, сарфи назар аз болоравии нархҳо ва танишҳои геополитикӣ, шаҳодат медиҳанд. Ин раванд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои назарраси табиӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ мебошад, рушди сайёҳӣ метавонад яке аз самтҳои диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳо гардад. Вобаста ба ин, рушд додани соҳаи сайёҳӣ на танҳо ба баланд шудани даромади аҳолӣ, балки нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ, рушди соҳаи соҳибкорӣ дар минтақаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва ташкили инфрасохтори мусоид шароит фароҳам хоҳад овард. Дар чунин шароит ташаккули механизми самараноки ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ барои кишварҳои дорои иқтидори баланди сайёҳӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур аз мӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизмҳои самараноки ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ роҳҳои беҳтар намудани он асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот ба саволҳои зерин ҷавоб пайдо хоҳем намуд: 1. Чи гуна сармоягузорӣ ба рушди сайёҳӣ таъсир мерасонад? Рушди соҳаи сайёҳӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва ташкили ҷоёҳои корӣ таъсир мерасонад ё не.

Усул ва мавод. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлил ва синтези маълумот, муқоисаи иқтисодӣ, оморӣ ва системавӣ истифода гардиданд. Маводи таҳқиқотро маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, инчунин ҳисобот ва таҳқиқоти созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ ташкил медиҳанд. Барои таҳлили вазъи соҳа маълумоти омории солҳои 2019-2024 оид ба шумораи шаҳрвандони хориҷии воридшуда, ширкатҳои сайёҳӣ, сайёҳони хориҷию дохилӣ ва даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ истифода карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар шароити Тоҷикистон рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба он бояд ҳамчун ду раванди ба ҳам алоқаманд баррасӣ карда шаванд. Аз як тараф,

афзоиши шумораи сайёҳон талаботро ба инфрасохтор ва хизматрасониҳои сайёҳӣ зиёд менамояд, аз тарафи дигар, маҳз сармоягузорӣ барои ташкили инфрасохтори муосир, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ташаккули маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ замина фароҳам меорад. Тибқи маълумоти расмӣ дар соли 2025 ба Тоҷикистон 2,1 млн. шаҳрвандҳои хориҷӣ омаданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024 31,5% ва ё 501,4 ҳазор нафар зиёд мебошад [1]. Афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон аз беҳтар шудани шароити будубоши сайёҳон, инфрасохтори сайёҳӣ, низоми амнияти бехатрии гувоҳӣ медиҳад.

Ҷалби маблағгузорӣ ва сармоягузории хусусӣ дар доираи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ таи солҳои охир боиси зиёд шудани инфрасохтори сайёҳӣ гардидааст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 дар кишвар 226 ширкати сайёҳӣ фаъолит мекунад. Ҷиҳати таъмини сайёҳон ба ҷойҳои сайёҳӣ ва ҳифзу нигарҳдориашон дар Тоҷикистон 25 осоишгоҳ ва дигар объектҳои хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият доранд. Дар баробари ин 225 меҳмонхона, 63 хостел ва 56 мотел барои будубоши сайёҳон амал мекунад. Дар соҳаи хизматрасонии сайёҳон 4299 корманд ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мебошанд, ки дар соли 2025 даромад аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳо ба сайёҳон 798,0 млн. сомониро ташкил додааст [2].

Ҷадвали 1. Динамикаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва фаъолияти ширкатҳоии ватанӣ

	2019	2020	2021	2022	2023	2024	Тағйирот + -
Ҷамъи шаҳрвандони хориҷии воридшуда, ҳазор нафар	1154,1	1319,2	410,1	517,6	1151,9	1358,0	+17,7
Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ	146	161	224	235	242	225	+54,1
Теъдоди сайёҳони дохилӣ, ки тавассути ширкатҳо сайёҳи ба хориҷа рафтанд, нафар	9167	8531	1939	1766	3643	9045	-1,3
Теъдоди сайёҳони хориҷӣ, ки тавассути ширкатҳо сайёҳи ба ҷумҳурӣ ворид шуданд, нафар	6699	7791	416	953	5771	12077	+80,3
Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳазор сомонӣ)	16928,1	24497,9	7977,0	12789,9	22818,8	30464,4	80,0

Сарчашма: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2025. С. 184-185.*

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки ширкатҳои сайёҳӣ таи солҳои охир тамоили болоравӣ доранд. Агар дар соли 2020 161 ширкати сайёҳӣ бақайд гирифта шуда шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 225 адад расидааст. Дар ин замина, теъдоди сайёҳони хориҷӣ, ки тавассути ширкатҳо сайёҳи ба ҷумҳурӣ ворид шуданд дар соли 2019 6699 адад бошанд дар соли 2024 ба 12077 нафар расидаанд, нисбат ба соли 2019 як маротиба зиёд мебошад.

Аз соли 2023 барқароршавии бозори сайёҳӣ оғоз гардида, шумораи шаҳрвандони хориҷии воридшуда ба 1 151,9 ҳазор нафар расидааст. Соли 2024 ин нишондиҳанда ба 1 358,0 ҳазор нафар афзоиш ёфта, нисбат ба соли 2023 206,1 ҳазор нафар ё 17,9% зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2024 шумораи воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ нисбат ба соли 2022 зиёда аз 2,6 баробар афзоиш ёфтааст.

Дар баробари афзоиши ҷараёни сайёҳӣ, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ низ тағйир ёфтааст. Агар соли 2019 дар кишвар 146 ширкат фаъолият дошта бошад, соли 2023 шумораи онҳо ба 242 адад расидааст. Соли 2024 бошад, ин нишондиҳанда то 225 ширкат коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 79 ширкат ё 54,1% бештар мебошад. Ин ҳолат метавонад аз афзоиши иқтидори соҳибкории соҳа ва ҳамзамон тағйирёбии сохтори бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ шаҳодат диҳад.

Нишондиҳандаи сафари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷа тавассути ширкатҳои сайёҳӣ низ тағйирёбии назаррас дорад. Аз 9167 нафар дар соли 2019 ин нишондиҳанда то 1766 нафар дар соли 2022 коҳиш ёфта, соли 2024 то 9045 нафар барқарор шудааст. Яъне, дар соли 2024 он қариб ба сатҳи соли 2019 расидааст.

Нишондиҳандаи ҷолиби дигар шумораи сайёҳони хориҷие мебошад, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба Тоҷикистон ворид шудаанд. Ин нишондиҳанда аз 6699 нафар дар соли 2019 то 416 нафар дар соли 2021 коҳиш ёфта, баъдан барқарор шудааст. Дар соли 2024 шумораи онҳо ба 12077 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2019 80,3% зиёд мебошад. Ин афзоиш нишон медиҳад, ки нақши ширкатҳои сайёҳӣ дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ тадриҷан меафзояд.

Даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ низ тамоюли афзоишро нишон медиҳад. Ҳаҷми он аз 16 928,1 ҳазор сомонӣ дар соли 2019 то 30 464,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2024 расидааст. Яъне дар давраи таҳлилӣ даромад 13 536,3 ҳазор сомонӣ ё 80,0% зиёд шудааст. Махсусан соли 2024 нисбат ба соли 2023 даромад 7 645,6 ҳазор сомонӣ ё 33,5% афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳлили маълумоти солҳои 2019-2024 нишон медиҳад, ки пас аз коҳиши шадиди нишондиҳандаҳои сайёҳӣ дар солҳои 2020-2022, аз соли 2023 марҳилаи барқароршавии соҳа оғоз гардида, соли 2024 тамоюли устувори афзоиш ташаккул ёфтааст. Афзоиши 17,7%-ии воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ, 54,1%-ии шумораи ширкатҳои сайёҳӣ ва 80%-ии даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ аз васеъ гардидани фаъолияти иқтисодии соҳа шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, афзоиши беш аз 80%-ии сайёҳони хориҷии тавассути ширкатҳои сайёҳӣ воридшуда аҳамияти бахши хусусиро дар ҷалби сайёҳон нишон медиҳад.

Бо вуҷуди ин, фарқияти байни афзоиши шумораи умумии шаҳрвандони хориҷии воридшуда ва шумораи сайёҳоне, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ворид шудаанд, нишон медиҳад, ки иқтидори ҷалби сармоя ва рушди маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ ҳанӯз пурра истифода нашудааст. Аз ин рӯ, афзоиши ҷараёни сайёҳӣ бояд бо рушди меҳмонхонаҳо, инфрасохтори нақлиётӣ, марказҳои хизматрасонӣ, маҳсулоти нави сайёҳӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳо ҳамоҳанг карда шавад. Маҳз дар ин замина масъалаи такмили механизми ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад.

Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар Тоҷикистон аллакай заминаи муайяни соҳибкорӣ дорад. Ҳамзамон, афзоиши шумораи меҳмонон нисбат ба имкониятҳои мавҷуда талаботи бештарро ба меҳмонхонаҳо, марказҳои истироҳатӣ, нақлиёт, муассисаҳои хӯрокворӣ, инфрасохтори рақамӣ ва дигар хизматрасониҳои ҳамроҳ ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, то ба имрӯз дар ташкили инфрасохтори сайёҳии Тоҷикистон мушкилоти назаррас мавҷуд мебошад. Тоҷикистон самти сайёҳиро яке аз самтҳои стратегӣ дар сиёсати худ қарор дода, соли 2018 Стратегияи рушди

сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст, ки дар он тавоҷҷуҳи асосӣ ба самти беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ, ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, пешниҳоди имтиёзҳо ва кафолатҳои давлатӣ барои ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон равона карда шудааст [6].

Тағйироти муҳими ҳуқуқӣ дар самти сармоягузорӣ низ барои ташаккули чунин механизм замина фароҳам меорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», ки соли 2025 қабул шудааст, асосҳои ҳуқуқию иқтисодии муносибатҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифода аз низомҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии сармоягузориро муайян мекунад. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки дар марҳилаи муосир масъалаи асосӣ на танҳо «ҷалб кардани сармоягузор», балки ташкили чунин механизмест, ки сармоягузорро аз марҳилаи муайян намудани имконият то амалисозӣ ва рушди минбаъдаи лоиҳа дастгирӣ намояд.

Вобаста ба ин, дар асоси таҳлили сарчашмаи адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ механизми ҷалби сармоягузориро ба соҳаи сайёҳӣ метавон дар шакли зерин пешниҳод намуд (расми 1).



Расми 1. Механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Хусусияти асосии механизми пешниҳодшаванда аз он иборат аст, ки давлат тамоми хавфи сармоягузориро ба зимма намегирад, балки барои коҳиш додани хавфҳои ибтидоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки бахши

хусусӣ шароит муҳайё мекунад. Ин механизм ба таҷрибаи байналмилалӣ мувофиқ буда, ҷиҳати татбиқи он дар таҷрибаи ватанӣ низ мусоид мебошад.

Чунин равиш ба таҷрибаи байналмилалӣ низ мувофиқ мебошад. Созмони Милали Муттаҳид таъкид мекунанд, ки барои рушди сармоягузории устувор ба туризм сиёсати мувофиқ, институтҳои самаранок, танзими равшан, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, технологияҳои нав ва иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ муҳим мебошанд [3, 7].

Бояд гуфт, ки дар раванди ҷалби сармоягузорӣ ба соҳай сайёҳӣ дар Тоҷикистон чандин омилҳое ҳастанд, метавонад ҷиҳати рушди ин соҳа ва ташкили шароити мусоди сармоягузорӣ халал ворид намоянд. Вобаста ба ин Бонки Ҷаҳонӣ нишон дода буд, ки рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳо, аз ҷумла: нокифоя будани инфрасохтор, муҳити номукаммали соҳибкорӣ, дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ ва мушкилоти рушди бозорҳои сайёҳӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ҳамчунин фаъолияти соҳибкорони соҳа бештар дар Душанбе мутамарказ буда, дар минтақаҳои дорои иқтидори баланди сайёҳӣ, аз ҷумла Помир ва Зарафшон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ ва мавсимият мушоҳида шудаанд [5, 8].

Вобаста ба ин, дар асоси таҳлил омилҳои таъсиррасон ба ҷалби сармоягузорӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд (ҷадвали 1). Дар асоси маълумоти ҷадвали 1 дида мумкин аст, омили дуюм инфрасохтор маҳсуб мегардад, ки дар доираи он бояд аз ҷониби давлат дар доираи механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҷалби сайёҳон пеш аз ҳама сохтани роҳ, кашидани хатҳои барқ, об, таъмини интернети баландсуръат, ташкили нақлиёти бехатар, ки ин бояд аз ҷониби давлат ва сохтани меҳмонхонаҳо, маконҳои истироҳатӣ, нуқтаҳи хуроки умумӣ аз ҷониби соҳибкорон сохта ба истифода дода шаванд, ки ин раванд ҷалби сармоягузории хусусиро пештар ва таваҷҷуҳи сайёҳонро зиёд мегардонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки барои лоиҳаҳои бузурги инфрасохтории сайёҳӣ истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти махсус дорад. Дар чунин ҳолат давлат метавонад:

Ҷадвали 2. Омилҳои таъсиррасон ба ҷалби сайёҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ

Гурӯҳи омилҳо	Омилҳои асосӣ	Таъсир ба сармоягузорӣ
Ҳуқуқӣ	устувории қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузор	коҳиши хавфи ҳуқуқӣ
Инфрасохторӣ	роҳ, барқ, об, интернет, нақлиёт	коҳиши хароҷоти лоиҳа
Молиявӣ	қарз, грант, кафолат, имтиёз	баландшавии дастрасии сармоя
Бозорӣ	шумораи сайёҳон, талабот, мавсимият	муайян намудани даромаднокӣ
Институтсионалӣ	«равзанаи ягона», хизматрасонии сармоягузорӣ	кам шудани монеаҳои маъмурӣ
Маълумотӣ	базаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ	баланд шудани шаффофият
Кадрӣ	мутахассисони соҳа	баланд шудани сифати хизматрасонӣ
Экологӣ	ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳо	устувории дарозмуддати лоиҳа

Сарчашма: таҳияи муаллиф

– заминаи ҳуқуқиро таъмин намояд;

– инфрасохтори базавиро инкишоф диҳад;

– дастрасии роҳ ва коммуникатсияҳоро таъмин кунад;

– расмиёти маъмуриро содда намояд;

– механизмҳои кафолат ва дастгирии қонуниро истифода барад.

Бахши хусусӣ бошад:

– сармоягузории молиявиро таъмин мекунад;

– технология ва таҷрибаи идоракуниро ворид менамояд;

– объектро месозад ва идора мекунад;

– сифати хизматрасониро баланд мебардорад.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон дорои иқтидори назарраси рушди иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мебошад. Таҳлили нишондиҳандаҳои солҳои 2019-2024 собит менамояд, ки пас аз коҳиши фаъолияти сайёҳӣ дар солҳои 2020-2022, аз соли 2023 раванди барқароршавии соҳа оғоз гардида, соли 2024 нишондиҳандаҳои асосӣ тамоюли мусбати рушдро нишон додаанд. Аз ҷумла, шумораи шаҳрвандони хориҷии воридшуда ба 1358,0 ҳазор нафар ва даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ ба 30464,4 ҳазор сомонӣ расидааст.

Афзоиши шумораи ширкатҳои сайёҳӣ аз 146 адад дар соли 2019 то 225 адад дар соли 2024 ва афзоиши сайёҳони хориҷии тавассути ширкатҳо воридшуда аз 6699 то 12077 нафар нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ ва иштироки

бахши хусусӣ дар соҳа тадриҷан васеъ мегардад. Ҳамзамон, афзоиши даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ нисбат ба соли 2019 тақрибан 80,0 % ташкил дода, аҳамияти иқтисодии соҳаи сайёҳиро бештар менамояд.

Бо вуҷуди ин, рушди соҳа бо масъалаҳои марбут ба нокифоя будани инфрасохтор, мавсимияти талабот, маҳдудияти дастрасӣ ба маблағгузорӣ, нобаробарии рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаҳо ва зарурати баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузорӣ бояд ҳамчун унсури калидии сиёсати рушди сайёҳӣ баррасӣ гардида, ба ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои мушаххаси сайёҳӣ равона карда шавад.

Дар маҷмӯъ, механизми самараноки ҷалби сармоягузорӣ бояд ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ, сармояи хусусӣ, инфрасохтор, ҳавасмандгардонии молиявию андозӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳоро таъмин намояд. Чунин механизм метавонад барои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ, зиёд намудани саҳми он дар иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳо замина фароҳам оварад.

АДАБИЁТ:

1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. В 2025 году более 2,1 миллиона иностранцев посетили Таджикистан [Электронный ресурс]. – Душанбе, 26.02.2026. – URL: официальный сайт Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан (дата обращения: 25.09.2026).

2. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. В Таджикистане осуществляют деятельность 194 туристические компании [Электронный ресурс]. – Душанбе, 26.02.2026. – URL: официальный сайт Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан (дата обращения: 25.09.2026).

3. Арабов, Ф. П. Механизм управления инвестициями в эколого-экономическом использовании земельно-водных ресурсов (на примере орошаемого земледелия Таджикистана) : специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности, в т.ч.: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами;)" : автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Арабов Фирдавс Пулодович. – Душанбе, 2020. – 60 с.

4. Всемирная туристская организация ООН (UN Tourism). Количество международных туристов выросло на 5 % за первые девять месяцев 2025 года [Электронный ресурс]. – 2025. – URL: https://www.untourism.int/news/international-tourist-arrivals-up-5-in-the-first-nine-months-of-2025 (дата обращения: 24.09.2026).

5. Дермастия М. Анализ цепочки создания стоимости в секторе туризма Таджикистана / М. Дермастия, Н. Адеишвили, Д. Радич, Г. Бекназарова, А. Касымов. – Вашингтон: Всемирный банк, 2017. – 76 с. [Электронный ресурс]. – URL: https://thedocs.worldbank.org/en/doc/2ccdd52aca8c6d632481cd6248e093c8-0350072019/original/Touris-VC-Tajikistan.pdf (дата обращения: 25.09.2026).

6. Комитет по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан. Стратегия развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года [Электронный ресурс]. – Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 августа 2018 года, № 372. – URL: https://ctd.tj/ru/2023/09/22 (дата обращения: 25.09.2026).

7. Конференция ООН по торговле и развитию (ЮНКТАД), Всемирная туристская организация ООН (UN Tourism). Руководящие принципы устойчивых инвестиций в туризм [Электронный ресурс]. – 2025. – 4 апреля. – DOI: 10.18111/9789284425389. – URL: https://unctad.org/publication/guiding-principles-sustainable-investment-tourism (дата обращения: 25.09.2026).

8. Содиков, К. А. Экономическая эффективность агробиологического метода выращивания сельскохозяйственных культур в экологических условиях / К. А. Содиков, Ф. П. Арабов // Экономика и управление: ключевые проблемы и

перспективы развития : Материалы XIII Международной научно-практической конференции, Тихорецк, 22 октября 2021 года / Под общей редакцией Е.В. Королюк. – Краснодар: ФГБУ "Российское энергетическое агентство" Минэнерго России Краснодарский ЦНТИ- филиал ФГБУ "РЭА" Минэнерго России, 2021. – С. 169-175.

9. World Travel & Tourism Council (WTTC). Исследование экономического воздействия на туризм и путешествия (Economic Impact Research, EIR) [Электронный ресурс]. – URL: https://wttc.org/Research/Economic-Impact (дата обращения: 24.09.2026).

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В СФЕРУ ТУРИЗМА

В статье рассматриваются вопросы формирования и совершенствования механизма привлечения инвестиций в сферу туризма, анализируется роль внутренних и иностранных инвестиций в развитии туристической инфраструктуры, повышении конкурентоспособности туристских регионов и создании новых рабочих мест. Автором определяются основные факторы, влияющие на привлечение инвестиций, существующие ограничения и направления совершенствования государственной инвестиционной политики. На основе проведённого анализа предлагается усовершенствованный механизм привлечения инвестиций, включающий государственное стимулирование, государственно-частное партнёрство, развитие инфраструктуры, гарантии для инвесторов, цифровизацию и формирование региональных туристических проектов.

Ключевые слова: *туризм, инвестиции, иностранные инвестиции, инвестиционный механизм, туристическая инфраструктура, государственно-частное партнёрство, туристские регионы, устойчивое развитие.*

IMPROVING THE MECHANISM FOR ATTRACTING INVESTMENT IN THE TOURISM SECTOR

The article examines the formation and improvement of a mechanism for attracting investment in the tourism sector and analyzes the role of domestic and foreign investment in developing tourism infrastructure, enhancing the competitiveness of tourism regions, and creating new jobs. The author identifies the main factors influencing investment attraction, existing constraints, and directions for improving state investment policy. Based on the analysis, an improved investment attraction mechanism is proposed, incorporating government incentives, public-private partnerships, infrastructure development, investment guarantees, digitalization, and the development of regional tourism projects.

Keywords: *tourism, investment, foreign investment, investment mechanism, tourism infrastructure, public-private partnership, tourism regions, sustainable development.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Гулназаров Ҷовидон Сафарович - унвонҷӯи кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Борбад 73[а]. Тел:(+992)918-78-38-09. Почтаи электронӣ: jovidongulnazarov.55@gmail.com. **Акбаров Фахриддин Отамуродович** - унвонҷӯи кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Борбад 73[а]. Тел: (+992)501796888. Email: akbarovfahriddin510@gmail.com .

Сведения об авторах: Гулназаров Джовидон Сафарович - соискатель кафедры социально-культурных технологий и туризма Государственного института культуры и искусства Таджикистана имени Мирзо Турсунзода, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Борбада, 73А. Тел.: (+992) 918-78-38-09. Электронная почта: jovidongulnazarov.55@gmail.com. **Акбаров Фахриддин Отамуродович** - соискатель кафедры социально-культурных технологий и туризма Государственного института культуры и искусства Таджикистана имени Мирзо Турсунзода, Республика Таджикистан, г. Душанбе, просп. Борбада, 73А. Тел.: (+992) 501-796-888. Электронная почта: akbarovfahriddin510@gmail.com.

Information about the authors: Gulnazarov Jovidon Safarovich - Applicant at the Department of Socio-Cultural Technologies and Tourism, Mirzo Tursunzoda State Institute of Culture and Arts of Tajikistan, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 73A Borbad Avenue. Tel.: (+992) 918-78-38-09. E-mail: jovidongulnazarov.55@gmail.com. **Akbarov Fakhriddin Otamurodovich** - Applicant at the Department of Socio-Cultural Technologies and Tourism, Mirzo Tursunzoda State Institute of Culture and Arts of Tajikistan, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 73A Borbad Avenue. Tel.: (+992) 501-796-888. E-mail: akbarovfahriddin510@gmail.com.

УДК 327+551.578.1

ҶАНБАҲОИ ЭКОЛОГӢ ВА ПАЁМАДҲОИ СИЁСИИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ БОРОНИ СУНЪӢ ДАР ҚАЗОҚИСТОН ҲАМЧУН ТАҶРИБАИ НАХУСТИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Қурбонов М.М., Изатуллозода Р.Х.
Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар мақола ҷанбаҳои экологӣ ва паёмадҳои сиёсию дипломатии татбиқи технологияи борони сунъӣ дар Қазоқистон, ки 16–17 майи соли 2026 ҳамчун аввалин лоиҳаи ин технологияи нав дар Осиёи Марказӣ ба роҳ монда шуд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар асоси санҷиши маълумоти расмии Қазоқистон, корҳои илмии байналмилалӣ оид ба истифодаи реагентҳои абрбордоркунанда (йодиди нуқра, омезаҳои хлориди натрий, калсий) ва санадҳои меъёрии байналмилалӣ, муаллиф ҳаҷми хатари экологии лоиҳа ва эҳтимоли таъсири онро ба тавозуни обии минтақа арзёбӣ кардааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҳарчанд истифодаи реагентҳои бар асоси намак нисбати йодиди нуқра аз ҷиҳати экологӣ эминтар аст, татбиқи минбаъдаи технология бо радиуси таъсири маҳаллии 5 км ҳам метавонад тақсимоти боришоти атмосферириро байни кишварҳои болооб ва поёноб тағйир диҳад. Муаллиф ба хулоса омадааст, ки набудани механизми ҳуқуқии минтақавӣ оид ба идоракунии обу ҳаво метавонад заминаи пайдоиши нофаҳмиҳои нав байни давлатҳои минтақа фароҳам оварад ва зарурати таҳқиқи муносибатҳои дипломатӣ ва таҳияи Созишномаи минтақавӣ оид ба тағйирдиҳии обу ҳаво дар чорчӯби СММ ва давлатҳои Осиёи Марказиро ба роҳ монанд.

Калидвожаҳо*: борони сунъӣ, абрбордоркунӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қазоқистон, Осиёи Марказӣ, дипломатияи сабз, дипломатияи обӣ, тағйирёбии иқлим, тағйирдиҳии обу ҳаво, амнияти экологӣ, муносибатҳои байналмилалӣ.*

Муқаддима. 16 майи соли 2026 дар вилояти Туркистони Қазоқистон маросими расмии оғози лоиҳаи борони сунъӣ баргузор гардид. Аз 17 май татбиқи пурраи технология ба роҳ монда шуд [6]. Ин ташаббус Қазоқистонро ба аввалин кишвари Осиёи Марказӣ табдил дод, ки ба истифодаи амалии технологияи тағйирдиҳии обу ҳаво гузаштааст. Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии

метеорологияи Аморати Муттаҳидаи Араб амалӣ мегардад ва аз ҷониби Вазорати зеҳни сунъӣ ва рушди рақамии Қазоқистон ҳамоҳанг карда шудааст.

Ҳадафи асосии лоиҳа, ки расман эълон шудааст, афзоиши сатҳи пуркунии обанборҳо ва таъмини обёрии беш аз 900 ҳазор гектар замини кишоварзӣ мебошад. Самаранокии иқтисодии эҳтимолии он то 35 миллиард тенге дар як сол баҳогузорӣ шудааст [6; 9]. Лоиҳа аз ҷониби Президенти Қазоқистон Қ.-Ж. Тоқаев ва Президенти Созмони ҷаҳонии метеорологӣ, директори генералии Маркази миллии метеорологияи АМА Абдулло ал-Мандус дар вохӯрии 15 май расман дастгирӣ ёфт [7].

Ҷолибии стратегии ин ҳодиса танҳо дар сатҳи технологӣ нест. Тибқи арзёбиҳои СММ ва Бонки ҷаҳонӣ, Осиёи Марказӣ дар чоряки асри оянда метавонад бо камобии 25–30% рӯ ба рӯ шавад. Бо назардошти он ки беш аз 80 фоизи захираҳои оби минтақа аз кишварҳои болооб аз қабили Тоҷикистон ва Қирғизистон сарчашма мегиранд, ҳар як ҷузъи нави низоми минтақавии идоракунии об дорои паёмадҳои ҷиддии сиёсию иқтисодӣ мегардад [2].

Технологияи борони сунъӣ, ки таърихи беш аз 80-сола дорад, аз замони таҳияи он дар соли 1946 аз ҷониби В. Шеффер ва Б. Вонегут дар озмоишгоҳҳои General Electric то рӯзҳои мо роҳи дури илмию амалиро тай намудааст. Имрӯз тибқи маълумоти ҷамъоварии Созмони ҷаҳонии метеорологӣ, ин технология аз ҷониби беш аз 50 давлат истифода мешавад. ИМА, Хитой, АМА, Фаронса ва Арабистони Саудӣ дар ин ҷода пешсаф мебошанд [13]. Ҳамзамон, таҷрибаи татбиқи ин технологияҳо нишон додааст, ки онҳо метавонанд боиси як қатор баҳсҳои дипломатӣ, иттиҳомҳои “дуздии абр” ва ҳатто ҷанҷолҳои ҳарбию сиёсӣ гарданд.

Тадқиқот аз он бармеояд, ки Осиёи Марказӣ як минтақаи ҳассос ба ҳаргуна тағйир дар низоми боришот мебошад. Айнан барои ҳамин зарур мешуморем, ки оғози истифодаи технологияи борони сунъӣ дар Қазоқистон ҳамчун таҷрибаи аввалини минтақавӣ бо мавқеи илмии ҷиддӣ омӯхта шавад.

Муайян намудани хусусиятҳои экологии технологияи татбиқшаванда ва баҳогузории паёмадҳои эҳтимолии сиёсию дипломатии он барои Осиёи

Марказӣ, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари болооб вазифаҳои аввалиндараҷаро мебозад.

Барои муайяансозии паёмадҳои сиёсию дипломатии ин ташаббус якчанд вазифаҳои зеринро ба роҳ мемонем:

1) омӯзиши сохтори технологии лоиҳаи Қазоқистон ва реагентҳои дар он истифодашаванда;

2) арзёбии хавфҳои экологии татбиқи технология дар шароити Осиёи Марказӣ;

3) таҳлили чорчӯби ҳуқуқии байналмилалии тағйирдиҳии обу ҳаво ва камбудиҳои он;

4) пешниҳоди тавсияҳо барои таҳияи механизми минтақавии идоракунии муштараки чунин лоиҳаҳо.

Методҳо. Заминаҳои манбаи тадқиқот аз се гурӯҳи маводҳо иборат аст. Гурӯҳи якум ин ҳуҷҷатҳои расмии Ҷумҳурии Қазоқистон ва бюллетенҳои Маркази миллии метеорологияи Аморати Муттаҳидаи Араб оид ба лоиҳаи борони сунъӣ мебошанд.

Гурӯҳи дуюм ин асарҳои илмии байналмилалии нашршуда дар маҷаллаҳои Ecotoxicology and Environmental Safety, Atmospheric Research, Bulletin of the Atomic Scientists, Journal of Applied Meteorology оид ба натиҷаҳои таҷрибаҳои абрбордоркунӣ мебошад, ки мутахассисони ин технологияи нав омӯзишҳои худро нашр намудаанд.

Гурӯҳи сеюм ин санадҳои меъёрии байналмилалӣ мебошанд, ки айни замон пурра ташаккул наёфтаанд ва барои такмили санадҳои мазкур давлатҳои ҷаҳон тавассути СММ ба ин самт ҳаракат доранд. Яке аз конвенсияҳои асосии имрӯза ин Конвенсияи ENMOD мебошад, ки соли 1976 тағйирдиҳии муҳити зистро бо мақсадҳои ҳарбӣ манъ мекунад.

Методҳои тадқиқот характери омехта доранд. Методи таҳлили муқоисавӣ барои санҷиши таҷрибаи Қазоқистон бо таҷрибаҳои Хитой, АМА ва ИМА истифода шудааст. Методи таҳлили мундариҷавӣ нисбати ҳуҷҷатҳои расмии се вазорат ва баёнияҳои сиёсии тарафҳои манфиатдор корбаст гардидааст. Методи

дипломатии муқоисавӣ имкон медиҳад, ки реаксияҳои дипломатии ҳамсоягони Қазоқистон, ки ҳанӯз дар марҳилаи пинҳон ба амал омадаанд, баҳогузорӣ шаванд.

Аз чорчӯбҳои назариявӣ дар тадқиқот назарияи режимҳои байналмилалӣ (С. Краснер), консепсияи гидрогегемония (М. Зейтоун, Ҷ. Уорнер) ва модели дипломатияи сабз (М. Ҳэбэрт) истифода шудаанд. Чорчӯби методологии асосиро принсипи "масъулияти умумӣ, вале дифференсиалӣ", ки дар Эъломияи Рио-1992 муқаррар шудааст, ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои тадқиқот.

3.1. Хусусиятҳои технологии лоиҳаи Қазоқистон

Тибқи маълумоти Вазорати зеҳни сунъӣ ва рушди рақамии Қазоқистон, лоиҳа дар вилояти Туркистон бо иштироки чанд вазоратхона, аз ҷумла Вазорати захираҳои об ва обёрӣ, Вазорати экология ва захираҳои табиӣ, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати нақлиёт, Вазорати энергетика, Вазорати ҳолатҳои фавқулодда, инчунин ширкатҳои "КазАэронавигация" ва "Казгидромет" амалӣ мегардад [6].

Технологияи татбиқшаванда характери таъсири маҳаллӣ дорад. Радиуси таъсири эҳтимолии ҳар як амалиёт тахминан 5 километрро ташкил медиҳад. Реагентҳои истифодашаванда бар асоси таркибҳои намакӣ (хлориди натрий, хлориди калсий) – ва йодиди нуқра, ки дар таҷрибаи ИМА ва Хитой маъмултар аст – омода карда шудаанд [11]. Ин нуқтаи фарқкунандаи муҳим аст, зеро таъсири экологии реагентҳои намакӣ ба муҳити зист нисбати йодиди нуқра содатар арзёбӣ карда мешавад.

Тибқи маълумоти илмии ҷамъоварии Созмони ҷаҳонии метеорологӣ, абрбордоркунӣ дар шароити мусоид метавонад миқдори боришотро аз 10 то 20 фоиз афзоиш диҳад [13]. Маркази миллии метеорологияи АМА ин рақамро то 35 фоиз нишон додаст, ҳарчанд маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ ба ин рақам бо эҳтиёт муносибат мекунанд [10].

Як сӯй тибқи рӯзномаи "Asia-Plus", Қазоқистон расман бо ҳамкории Маркази миллии метеорологияи АМА мутахассисони маҳаллии худро, аз ҷумла

метеорологҳо, халабонҳо, муҳандисон ва коршиносони соҳаро омӯзонида истодааст. Дар нақшаҳои Остона тавсеаи минбаъдаи технология ба дигар вилоятҳои Қазоқистон ва таъсиси базаи миллии технологияҳои иқлимӣ пешбинӣ шудааст [11].

3.2. Ҷанбаҳои экологии татбиқи технология

Истифодаи реагентҳои абрбордоркунанда таърихан масоили зиёди экологиро ба миён овардааст. Дар таҳқиқоти Fajardo ва ҳамкорон (2016), ки дар маҷаллаи “Ecotoxicology and Environmental Safety” нашр шудааст, нишон дода шудааст, ки йодиди нуқра дар миқдорҳои зиёд метавонад ба организмҳои хокӣ ва обии хушкӣ таъсири манфӣ расонад. Махсусан, бактерияҳои хокӣ дар ҳолати инкишофи такрории технология коҳиш меёбанд, ҳарчанд кирмаки Caenorhabditis elegans (нишондиҳандаи стандартии экотоксикологӣ) дар шартҳои таҳқиқот таъсирпазир набуд [5].

Таҳқиқоти Tsiouris ва ҳамкорон (2002) дар Юнон, ки бар асоси 2500 намунаи хок дар вилоятҳои Ҳематия-Пелла ва Серрес гузаронида шудааст, нишон додааст, ки баъд аз истифодаи мунтазами 469 кг ва 361 кг йодиди нуқра дар тӯли солҳои зиёд миқдори нуқра дар хок ба сатҳи фоновии табиӣ наздик мондааст [14]. Бо вуҷуди ин, нуқта зайл муҳим аст, ки таҳқиқоти ҳамин гурӯҳ нишондиҳандаи муҳими ҷамъшавии тадриҷии нуқраро дар тӯли даҳсолаҳои зиёд маҳдуд кардаанд.

Бартарии муҳими реагентҳои намакии Қазоқистон дар он аст, ки онҳо аз ҷумлаи моддаҳое нестанд, ки дар экосистемаҳо ҷамъ мешаванд. Хлориди натрий ва калсий метавонанд бо тазйиқи минбаъдаи иқлимии минтақа фарқ кунанд, аммо аз ҷиҳати биохимиявӣ онҳо асосан “табиӣ” ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, дар ҳолати такрорсозии амалиёт дар як минтақаи маҳдуд, миқдори намак дар хоки кишоварзӣ метавонад баланд гардад, ки барои хокҳои аллакай ҳассос ба шӯршавӣ – мисли хокҳои нимбиёбонии Туркистон – омили хатарзо мегардад.

Бо дарназардошти он ки тибқи маълумоти ФАО беш аз 25 фоизи майдонҳои обёришавандаи ҷанубии Қазоқистон аллакай аз дараҷаи муайяни шӯршавӣ азият мекашанд, татбиқи минбаъдаи реагентҳои намакӣ ниёз ба

назорати муназзами илмӣ дорад. Ҳозир ин назорат расман эълон карда нашудааст.

Хатари дигари экологӣ дар тағйирёбии низоми боришот дар маҳалҳои наздик зоҳир мегардад. Тадқиқоти бюллетени Bulletin of the Atomic Scientists (2022) ишора мекунад, ки ҳарчанд абрбордоркунӣ масофаи мустақими таъсирро дар чанд километр маҳдуд мекунад, аммо абрҳое, ки бордор шуда, дар як ҷой бориш доданд, дар маҳалҳои дигар намеборанд. Ҳамин падида “редистрибутсияи боришот” номида мешавад [1]. Дар асл, абрбордоркунӣ боришотро эҷод намекунад, балки боришоти мавҷударо ҷобаҷо мекунад. Ҳамин нуктаи мафҳумӣ барои Осиёи Марказии гарм ва қариб камобиро пешбинишаванда дар оянда хеле муҳим аст.

3.3. Паёмадҳои сиёсии татбиқи технология дар минтақа

Таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи технологияи борони сунъӣ нишон додаст, ки ин технология ҳамеша бо хатари сиёсию дипломатӣ ҳамроҳ мебошад. Соли 2011 яке аз роҳбарони Эрон кишварҳои ғарбиро ба нобуд кардани абрҳои борондиҳандаи Эрон муттаҳам кард. Соли 2018 ҳамин гуна иттиҳомро яке аз сардорони ҳарбии эронӣ нисбати Исроил ва як кишвари ҳамсоя (баъдтар AMA муайяншуда) такрор кард [3]. Ҳарчанд ин гуна иттиҳомҳо аз ҷиҳати илмӣ исбот нашудаанд, аммо мавҷудияти онҳо нишон медиҳад, ки технологияи борони сунъӣ метавонад заминаи муноқишаҳои геосиёсиро фароҳам оварад.

Мисоли муҳимтарин лоиҳаи “Дарёи осмонии” Хитой (Sky River Plan) аст, ки соли 2016 пешниҳод шудааст ва пешбинӣ менамояд, ки бухори об аз ҳавзаи Янтсзи ба ҳавзаи Дарёи зард интиқол дода шавад. Минтақаи фарогирии ин лоиҳа қариб нисфи майдони Ҳиндустонро ташкил медиҳад [4]. Тадқиқоти Институти тадқиқоти стратегии Фаронса (IRSEM, мақолаи №146, марти 2025) ишора менамояд, ки татбиқи ин лоиҳа дар Платои Тибет метавонад тақсимоти обии Янтсзи, Меконг ва дарёҳои дигари трансмарзиро тағйир диҳад. Айнан барои ҳамин Ҳиндустон расман изҳори нигаронӣ кардааст [6].

Барои Осиёи Марказӣ ҳолат хосси худро дорад. Тахаллуфи асосии гидросиёсии минтақа байни кишварҳои болооб (Тоҷикистон, Қирғизистон) ва

поёноб (Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон) ҷой дорад. Тибқи маълумоти “Независимая газета”, соли 2025 Қазоқистон бо Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон оид ба интиқоли 3,7 миллиард м³ оби дарёи Сирдарё дар мавсими обёрии ҷорӣ созиш ба даст оварданӣ шуд [2]. Айнан Қазоқистон, ки чун кишвари поёноб ҳамеша мушкилоти камобиро эҳсос мекард, ҳоло технологияеро омӯхта истодааст, ки барои сабук кардани вобастагии худ аз ҳамсоягони боломоҳолат метавонад истифода кунад.

Бо вуҷуди ин, чун дар тадқиқоти С.С. Жильцов нишон дода шудааст, чорчӯби ҳуқуқии минтақавии муносибатҳои обии Осиёи Марказӣ, ки бо Созишномаи рамзии 18 феврали соли 1992 ва Созишномаи Сирдарёи соли 1998 муайян шудааст, ҳеҷ механизми пешгирии низоъҳои навро дар самти тағйирдиҳии обу ҳаво пешбинӣ накардааст [8]. Ҳамин камбудии ҳуқуқӣ заминаи асосии хатари сиёсии татбиқи технологияи Қазоқистон ба ҳисоб меравад.

Сатҳи дуюми хатари сиёсӣ дар муносибатҳои Қазоқистон ва АМА зоҳир мегардад. Татбиқи лоиҳа дар чорчӯби ҳамкории ду давлат боиси баланд шудани таъсири стратегии АМА ба сиёсати иқлимии Осиёи Марказӣ мегардад. Аз ҷиҳати геоиқтисодӣ ин нишондиҳандаи “дипломатияи технологӣ”-и нав мебошад: интиқоли таҷрибаи Эмиратҳо ба минтақае, ки ҳанӯз идеяи худро дар бораи дипломатияи иқлимии минтақавӣ кор накардааст.

Сатҳи сеюм – ин паёмадҳо барои дипломатияи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тоҷикистон, ҳамчун ташаббускори асосии ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи пиряхҳо ва Даҳсолаи байналмилалии амали “Об барои рушди устувор, 2018–2028”, дорои мавқеи стратегии хоси худ дар муносибатҳои обии минтақа мебошад. Ҳар як ҷузъи нави минтақавии идоракунии об, аз ҷумла истифодаи технологияҳои тағйирдиҳии обу ҳаво аз ҷониби давлатҳои поёноб, метавонад мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари асосии тавлидкунандаи захираҳои оби минтақа суст созад.

Аз ҷиҳати таҳлили оморӣ дар як қатор давлатҳои ҳамсоя бо Қазоқистон ҳоло ягон баёнияи расмии оид ба ҳамоҳангсозӣ ё мухолифат нисбати лоиҳа дар сатҳи давлатӣ нашр нашудааст. Ҳамин сукут худ метавонад ҳамчун

нишондиҳандаи мунтазир будани реаксияҳои оянда баҳогузорӣ шавад. Таҷрибаи Хитой нишон додааст, ки реаксияҳои дипломатии ҳамсоягон одатан баъд аз се то панҷ соли татбиқи муназзами технология ба амал меоянд.

Муҳокима. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияи борони сунъӣ дар Қазоқистон як ҳодисаи на танҳо технологӣ, балки геосиёсии бузург аст. Аз як тараф, Қазоқистон ҳамчун кишвари поёноб ба воситаи ин технология вобастагии худро аз захираҳои обии болообии дарёҳои Сирдарё ва Иртиш каме сабук намуданӣ мешавад. Аз тарафи дигар, ин қадам метавонад бар хилофи манфиатҳои стратегии Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳамчун кишварҳои болооб амал кунад, агар сиёсати минтақавии нав таҳия нашавад.

Назарияи режимҳои байналмилалии С. Краснер пешбинӣ менамояд, ки татбиқи технологияҳои нави трансмарзӣ зарурати таҳияи қоидаҳои нав, меъёрҳо ва раванди қабули қарорро ба миён меорад. Ҳозир чунин режим дар самти тағйирдиҳии обу ҳаво дар Осиёи Марказӣ вуҷуд надорад. Конвенсияи ENMOD-и соли 1976, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ амалан тарафи он нестанд, танҳо истифодаи технологияҳои тағйирдиҳии муҳити зистро бо мақсадҳои ҳарбӣ манъ мекунад. Татбиқи бо мақсадҳои сулҳомез берун аз чорчӯби танзими ин санад мебошад [12].

Аз нуқтаи назари консепсияи гидрогегемония (Зейтоун ва Уорнер), технологияи борони сунъӣ метавонад ҳамчун механизми нави “силкандозии вертикалӣ” баррасӣ шавад. Гидрогегемонияи классикӣ ба воситаи назорат бар захираҳои обии заминӣ амалӣ мегардад. Гидрогегемонияи нав, ки имрӯз шакл мегирад, ба воситаи назорат бар захираҳои обии атмосферӣ амалӣ хоҳад шуд. Дар ин маъно, Қазоқистон қадами аввалинро ба роҳи тағйир додани мавқеи худ дар низоми гидрополитикии Осиёи Марказӣ гузоштааст.

Модели дипломатияи сабз, ки М. Ҳэбэрт аз он мегӯяд, муаллимии муносибатҳои байналмилалии хосе мебошад, ки муҳити зистро на ҳамчун соҳаи сектории муҳит, балки ҳамчун ҷузъи кулли амнияти миллӣ муаррифӣ менамояд. Татбиқи технологияи борони сунъӣ дар Қазоқистон айнан мутобиқи ҳамин

модел ҷой мегирад: технология ҳамчун унсури амнияти озуқавӣ, амнияти иқтисодӣ ва амнияти иқлимӣ муаррифӣ шудааст.

Ин падида барои Тоҷикистон фурсати ҷолибро низ ба миён меорад. Дар ҳолате ки кишвар мавқеи минтақавии худро ҳамчун қаламравӣ дорои бузургтарин захираҳои пиряхии Осиёи Марказӣ муҳофизат менамояд, эҳтимоли пешниҳод намудани лоиҳаи Созишномаи минтақавии тағйирдиҳии обу ҳаво метавонад ҳамчун қадами ҷолиб дар самти дипломатияи сабзи кишвар амалӣ гардад. Чунин ташаббус ҳам ба Қазоқистон, ҳам ба Ӯзбекистон ва ҳам ба ҷомеаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон на танҳо манбаи захираҳои об, балки маркази фикрӣ дар самти дипломатияи иқлимии минтақа мебошад.

Мутаассифона, ягон режими муассири минтақавии назорат бар амалҳои тағйирдиҳии обу ҳаво ҳоло вуҷуд надорад. Тибқи арзёбии муаллифи мақола, муҳлати оптималии таҳияи Созишномаи минтақавӣ оид ба идоракунии муштараки технологияҳои абрбордоркунӣ 18–24 моҳи оянда мебошад. Дар сурати таъхир кардан, эҳтимоли татбиқи ҳамин технологияҳо аз ҷониби Ӯзбекистон ва Туркманистон низ боло меравад. Ин шароити “сабқати ҳамаҷониба”-ро ба миён хоҳад овард, ки ҳеҷ механизми ҳамоҳангсозӣ нахоҳад дошт.

Хулоса. Аз натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда хулосаҳои зерин бармеояд:

1. Татбиқи технологияи борони сунъӣ дар вилояти Туркистони Қазоқистон ба 16–17 майи соли 2026 на танҳо як ҳодисаи технологӣ, балки нуктаи гардиши таркибии гидрополитикаи Осиёи Марказӣ мебошад. Барои нахустин маротиба як кишвари минтақа ба идоракунии маҳдудкорӣ ва тавассути технология ба захираҳои обии атмосферӣ гузаштааст.

2. Бо назардошти он ки реагентҳои истифодашаванда характери намакӣ доранд ва на йодиди нуқра, хатари экологии бевосита мӯътадил арзёбӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳолати шӯршавии хокҳои нимбиёбонии вилояти Туркистон, ки тибқи маълумоти ФАО беш аз 25 фоизи майдонҳои

обёришавандаро фаро мегирад, талаб мекунад, ки татбиқи минбаъдаи технология бо назорати илмии муназзам ҳамроҳ карда шавад.

3. Паёмадҳои сиёсии татбиқи технология аз нуқтаи назари назарияи режимҳои байналмилалии С. Краснер ва консепсияи гидрогегемонияи Зейтоун ва Уорнер ҷиддӣ мебошанд. Набудани чорчӯби ҳуқуқии минтақавӣ оид ба тағйирдиҳии обу ҳаво заминаи пайдоиши тахаллуфоти нав байни кишварҳои болооб ва поёноб шуданаш мумкин аст. Конвенсияи ENMOD-и соли 1976 ин камбудиро ҷуброн карда наметавонад, зеро он танҳо истифодаи бо мақсадҳои ҳарбиро манъ менамояд.

4. Барои Тоҷикистон масъала аҳамияти стратегӣ дорад. Дипломатияи обии кишвар, ки имрӯз бо Даҳсолаи байналмилалии амали “Об барои рушди устувор” ва Эъломияи байналмилалии ҳифзи пиряхҳои соли 2025 пайвандӣ дорад, бояд ҷузъи нави бо номи “дипломатияи атмосферӣ”-ро низ дар чорчӯби назариявӣ ва амалии худ пайдо кунад.

5. Ҳамчун тавсияи амалӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар чорчӯби Маркази минтақавии дипломатияи обии Душанбе таҳияи Созишномаи минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба тағйирдиҳии обу ҳаво оғоз карда шавад. Чорчӯби пешниҳодии ҳуҷҷат бояд талаботи мутобиқи қоидаҳои Эъломияи Рио-1992 оид ба арзёбии таъсири байнисарҳадии экологӣ (transboundary EIA) ва принсипи маълумоти пешакӣ ва ризогии огоҳона (free, prior and informed consent)-ро дар бар гирад.

6. Тадқиқоти минбаъда дар самти омӯзиши кӯшиши тавсеаи технологияи борони сунъӣ дар Туркманистон ва Ӯзбекистон, инчунин таҳқиқи имконоти ҷалби Тоҷикистон ҳамчун саҳмгузор ё иштирокчии лоиҳаҳои минтақавӣ дар оянда зарур мебошад.

АДАБИЁТ:

1. Жильцов С.С. Политика стран Центральной Азии в водно-энергетической сфере // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2016. – № 3. – С. 7–18.

2. Курбонов М.М. Теоретические основы формирования зелёной дипломатии: эволюция норм, идей и международных практик // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2026. – № 1(106). – С. 173–181.

3. Притула В. Таджикистан, Туркменистан и Узбекистан поделятся водой с Казахстаном // Независимая газета. – 2025. – 8 апреля [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ng.ru/cis/2025-04-08/1_9230_water.html (санаи мурочиат: 23.05.2026).

4. Cardamone N., Lemos M.C., Klenk N. Dodging silver bullets: how cloud seeding could go wrong // Bulletin of the Atomic Scientists. – 2022. – 19 August [Электронный ресурс]. – URL: https://thebulletin.org/2022/08/dodging-silver-bullets-how-cloud-seeding-could-go-wrong/ (санаи мурочиат: 23.05.2026).

5. Cloud Seeding and the Water Wars of Tomorrow // Geopolitical Monitor. – 2025. – 18 June [Электронный ресурс]. – URL: https://www.geopoliticalmonitor.com/cloud-seeding-and-the-water-wars-of-tomorrow/ (санаи мурочиат: 23.05.2026).

6. Convention on the Prohibition of Military or Any Other Hostile Use of Environmental Modification Techniques (ENMOD): adopted by UN General Assembly Resolution 31/72 of 10 December 1976; entered into force 5 October 1978 // UN Treaty Collection [Электронный ресурс]. – URL: https://treaties.un.org/Pages/showDetails.aspx?objid=08000002800f1d0f (санаи мурочиат: 23.05.2026).

7. Fajardo C., Costa G., Nande M., Botías P., García-Cantalejo J., Martín M. Potential risk of acute toxicity induced by AgI cloud seeding on soil and freshwater biota // Ecotoxicology and Environmental Safety. – 2016. – Vol. 133. – P. 433–441.

8. Guglielmo F. Chinese Cloud Seeding Practices on the Tibetan Plateau: Towards New Forms of Hydrohegemony and Security Dilemma? // IRSEM Research Paper. – 2025. – № 146. – 30 p.

9. Kazakhstan Becomes First in Central Asia to Launch Artificial Rain // Zamin.uz. – 2026. – 18 May [Электронный ресурс]. – URL:

https://zamin.uz/en/world/201718-kazakhstan-becomes-first-in-central-asia-to-launch-artificial-rain.html (санаи мурочиат: 23.05.2026).

10. Kazakhstan becomes the first in Central Asia to launch an artificial rain project // Asia-Plus. – 2026. – 18 May [Электронный ресурс]. – URL: https://asiaplus.news/en/2026/05/18/kazakhstan-becomes-the-first-in-central-asia-to-launch-an-artificial-rain-project/ (санаи мурочиат: 23.05.2026).

11. Kazakhstan Launches First Rain-Making Project in Region // UzDaily. – 2026. – 18 May [Электронный ресурс]. – URL: https://www.uzdaily.uz/en/kazakhstan-launches-first-rain-making-project-in-region/ (санаи мурочиат: 23.05.2026).

12. Kazakhstan to Become First Central Asian Country to Launch Artificial Rain Project // The Astana Times. – 2026. – 16 May [Электронный ресурс]. – URL: https://astanatimes.com/2026/05/kazakhstan-to-become-first-central-asian-country-to-launch-artificial-rain-project/ (санаи мурочиат: 23.05.2026).

13. Kazakhstan Unveils Landmark Artificial Rainfall Initiative to Tackle Water Scarcity // The Astana Times. – 2026. – 18 May [Электронный ресурс]. – URL: https://astanatimes.com/2026/05/kazakhstan-unveils-landmark-artificial-rainfall-initiative-to-tackle-water-scarcity/ (санаи мурочиат: 23.05.2026).

14. Making it rain: Why more and more countries are turning to cloud seeding // CNBC. – 2026. – 24 February [Электронный ресурс]. – URL: https://www.cnbc.com/2026/02/24/cloud-seeding-climate-water-demand-rain-snow.html (санаи мурочиат: 23.05.2026).

15. Tsiouris S.E., Aravanopoulos F.A., Papadoyannis I.N., Sofoniou M.K., Polyzopoulos N., Christodoulou Z., Samanidou V.F., Zachariadis G.A., Constantinidou H.I.A. Soil silver content of agricultural areas subjected to cloud seeding with silver iodide // Fresenius Environmental Bulletin. – 2002. – Vol. 11, № 9. – P. 697–702.

ЭКОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПОСЛЕДСТВИЯ ПРИМЕНЕНИЯ ТЕХНОЛОГИИ ИСКУССТВЕННОГО ДОЖДЯ В КАЗАХСТАНЕ КАК ПЕРВОГО ОПЫТА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье анализируются экологические аспекты и политико-дипломатические последствия внедрения технологии искусственного дождя в Казахстане, запущенной 16–17 мая 2026 года в Туркестанской области в качестве первого подобного проекта в Центральной Азии. На основе официальных данных Казахстана, международных лабораторных исследований по использованию облачных реагентов (йодида серебра, солевых соединений на базе натрия и кальция) и норм международного права автор оценивает уровень экологического риска проекта и вероятность его воздействия на водный баланс региона. Результаты показывают, что несмотря на относительную экологическую безопасность солевых реагентов по сравнению с йодидом серебра, дальнейшее применение технологии даже при заявленном локальном радиусе воздействия в 5 км способно изменить распределение атмосферных осадков между странами верхнего и нижнего течения. Автор приходит к выводу о необходимости разработки регионального соглашения о модификации погоды в рамках ООН и ШОС, отсутствие которого может создать почву для новых противоречий между Казахстаном, Узбекистаном, Таджикистаном и Кыргызстаном.

***Ключевые слова**: искусственный дождь, засев облаков, Казахстан, Центральная Азия, зелёная дипломатия, водная дипломатия, изменение климата, модификация погоды, экологическая безопасность, международные отношения.*

ENVIRONMENTAL ASPECTS AND POLITICAL IMPLICATIONS OF THE APPLICATION OF ARTIFICIAL RAIN TECHNOLOGY IN KAZAKHSTAN AS THE FIRST EXPERIENCE IN CENTRAL ASIA

The article analyses the ecological aspects and political-diplomatic consequences of the deployment of cloud seeding technology in Kazakhstan, launched on 16–17 May 2026 in the Turkistan region as the first project of its kind in Central Asia. Based on official Kazakh data, international laboratory research on cloud seeding reagents (silver iodide, sodium- and calcium-based salt compounds) and norms of international law, the author assesses the ecological risk of the project and the probability of its impact on the regional water balance. Findings show that although salt-based reagents are relatively safer than silver iodide, further application of the technology, even within the declared local impact radius of 5 km, may alter the redistribution of atmospheric precipitation between upstream and downstream states. The author concludes that the absence of a regional legal mechanism on weather

modification may generate new tensions between Kazakhstan, Uzbekistan, Tajikistan and Kyrgyzstan, and substantiates the need for a regional agreement within the UN and SCO frameworks.

***Keywords**: artificial rain, cloud seeding, Kazakhstan, Central Asia, green diplomacy, water diplomacy, climate change, weather modification, ecological security, international relations.*

Маълумот дар бораи муаллифон: Қурбонов Маъруф Муидинович, ходими илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисодиёти сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5; тел: (+992) 936-66-02-95; e-mail: mustafam30@mail.ru. **Изатуллозода Рамазон Хайрулло** – ходими илмии шуъбаи таҳқиқоти муҳити зист ва идоракунии захираҳои табиӣ, Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 985-29-36-36. E-mail: ramazon_kh@mail.ru.

Сведения об авторах: Курбонов Маъруф Муидинович, научный сотрудник Научно-исследовательского института устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, 734055, Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад 48/5; тел: (+992) 936-66-02-95; e-mail: mustafam30@mail.ru. **Изатуллозода Рамазон Хайрулло** – научный сотрудник отдела исследований окружающей среды и управления природными ресурсами, Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: (+992) 985-29-36-36. E-mail: ramazon_kh@mail.ru.

Information about the authors: Qurbonov Maruf Muidinovich, Scientific researcher of Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, 734055, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad str. 48/5; tel.: (+992) 936-66-02-95; e-mail: mustafam30@mail.ru. **Izatullozoda Ramazon Khairullo** – Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, research fellow of the Department of Environmental Research and Natural Resources Management. Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 985-29-36-36. E-mail: ramazon_kh@mail.ru.

УДК: 327(575.3):502.131.1

КРИОСФЕРНАЯ ДИПЛОМАТИЯ КАК ИНСТРУМЕНТ ПРОДВИЖЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ ТАДЖИКИСТАНА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Мухаммадзода А.Н.
Национальная академия наук Таджикистана

В статье рассматривается криосферная дипломатия как современный инструмент продвижения национальных интересов Республики Таджикистан в Центральной Азии. Актуальность исследования обусловлена возрастающим влиянием изменения климата и деградации ледников на экологическую устойчивость и региональное сотрудничество. Цель исследования заключается в определении роли криосферной дипломатии в реализации внешнеполитических приоритетов Таджикистана и укреплении его международных позиций. Научная новизна работы состоит в раскрытии потенциала криосферной дипломатии как самостоятельного направления экологической дипломатии, способствующего продвижению национальных интересов государства посредством международных климатических инициатив. На основе анализа официальных документов и международных инициатив Таджикистана выявлены основные механизмы формирования криосферной повестки в Центральной Азии. Практическая значимость исследования заключается в возможности использования его результатов при разработке мер по совершенствованию климатической дипломатии, расширению регионального сотрудничества и укреплению экологической безопасности. Сделан вывод о том, что криосферная дипломатия становится важным элементом внешнеполитической стратегии Таджикистана в условиях современных климатических вызовов.

